РӮ ОВАРДАН БА ҶАВОНОН – РӮ ОВАРДАН БА ОЯНДА

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 9-10 (151-152) 8-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2021, СЕШАНБЕ



Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ваояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем.

Мо аз ҷавонони кишвар умеди калон дорем, ки вақтро ғанимат шуморида, ба хотириояндаи неки Ватан ва пешрафти давлати соҳибистиқлол, омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва аз худ кардани техникаву технологияҳои навтаринро вазифа ва мақсаду мароми ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.

Мо умед дорем, ки ҷавонони мо ҳамчун табақаи аз ҳама фаъоли ҷомеа минбаъд низ ташаббусҳои созандаро амалӣ менамоянд, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз мекунанд ва дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давлатамон боз ҳам фаъолона ширкат меварзанд. Зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд ва маҳз ба ҳамин хотир Тоҷикистон мамлакати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Мо ифтихор дорем, ки ҷавонони бонангу номуси мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, яънеояндаи давлату миллат мебошанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

ДАР ИН ШУМОРА:

ҶАВОНОН ВА ПЕШВОИ МИЛЛАТ с. 2

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ с. 3

ҶАВОНОН – ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ с. 4

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НОМГУЗОРИИ МАҲАЛҲО с.6

АЗ ҶАРАЁНИ КОРИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ДАВЛАТӢ с. 8-9

ҲИФЗИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН с. 11

КОРРУПСИЯ – ДОҒИ РӮЗ с. 13

ҲАРФИ ПУЧИ НОДОНРО ЧОРА ҶУЗ ХАМӮШӢ НЕСТ... с. 15

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ҶАВОНОН ВА ПЕШВОИ МИЛЛАТ



21 май дар Кохи Борбад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун анъанаи наку дар Рӯзи ҷавонон бо намояндагони ҷавонони мамлакат мулоқоти самимию созанда анҷом доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таърихи таъсиси ҷашни рӯзи ҷавонон, сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии рӯзафзуни онҳо чун такягоҳи боэътимоди давлат, андешаронӣ карда, ҳадафи мулоқотро таҳлили вазъи соҳа, ҳидояти насли оянда дар роҳи созандагию ободонӣ ва илму касбомӯзӣ маънидод намуданд.

Таъкид гардид, ки ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба фаъолият оғоз намудани ҳукумати қонунӣ кор бо ҷавонон аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини сиёсати давлат эълон шуд. Зеро таваҷҷуҳ ба ҷавонон ғамхорӣ бароиояндаи миллати тоҷик ва таҳкими неруи давлати Тоҷикистон мебошад.

Зимни таҳлили дастовардҳои соҳа давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти ҷавонон, роҳандозии тадбирҳои амалӣ вобаста ба тақвияти фаъолияти онҳо дар ҷомеа, таъмини иштироки



фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар ниҳоди ҳар як намояндаи насли имрӯза давра ба давра иқдомоти мушаххасро амалӣ намуд.

Дар охир, Сарвари давлат ибрози доштанд, ки мо ба шумо ҷавонон - неруи бузурги созандаи кишвар эътимод мекунем ва бовар дорем, ки аз уҳдаи ин рисолати бузурги таърихӣ ва иҷрои вазифаи фарзандии хеш бо сарбаландӣ мебароед.

# ҲУМОЮН БОД!





Боиси ифтихор ва сарфарозии бузург аст, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва ватандӯсту ватанпарвар саҳми босазои худро мегузорад. Аз ин ҷост, ки давлату ҳукумати кишвар бо боварии комил дастпарварон ва устодону кормандони факултетро ба вазифаҳои баланди давлатӣ интихобу таъин менамоянд. Далели гуфтаҳои мазкур бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2021 ба вазифаи директори муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин гардидани доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, префессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Холиқзода А.Ғ. мебошад. Инчунин, боиси фараҳболист, ки Идизода Ф.Ф. аз ҷониби Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби рӯйхати ҳизбӣ пешбарӣ шуда, айни ҳол ҳамчун вакил дар мақоми олии қонунгузории кишвар фаъолият намуда истодааст.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ устодони азиз – Холиқзода А.Ғ. ва Идизода Ф.Ф.-ро бо ин дастоварди бузургашон сидқан табрику шодбош намуда, ба онҳо саломатӣ, сарбаландӣ, саодати рӯзгор ва хизмати содиқонаро ба манфиати халқу миллати тоҷик, ба хотири рушду нумӯи Тоҷикистони азиз таманно менамоянд.





# РУШДИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Таърихи 22-юми майи соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шомурат Менглиев баргузор гардид.

Конференсияро ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Қ. ҳусни оғоз бахшида, ба садорати факултети ҳуқуқшиносӣ барои ташкил ва баргузор намудани чунин чорабинии илмӣ изҳори сипос намуданд. Қайд гардид, ки ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҶТ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ бамаротиб рушд намуда, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.



Сипас, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, иброз намуданд, ки дар самти рушди илми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ нақш ва ҷойгоҳи профессор Шомурат Менглиев бениҳоят бузург мебошад. Мавсуф то лаҳзаҳои охирини ҳаёт дар таълиму тарбияи насли ҷавон ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб талош намуда, даҳҳо шогирдонро дар роҳи илм ва баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ раҳнамоӣ намудааст.

Баъдан, дар асоси барномаи омодагардида олимони варзидаи кишвар, ходимони сиёсӣ ва шогирдони устод баромад намуда, ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар кори конференсия чунин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон; муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун предмети танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи асосии рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; нақши одатҳои тиҷоратӣ дар танзими фаъолияти савдои хориҷӣ; мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Дар фарҷом байни баромадкунандагон ва иштирокчиён доир ба мавзӯъҳои баррасишуда муҳокимаву музокираҳои илмӣ сурат гирифт ва иброз карда шуд, ки мавзӯъҳои матраҳшуда дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, такмили қонунгузорӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ метавонанд таъсири мусбат гузоранд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

**Ҳуқуқшинос бояд андешаи худро дуруст, дақиқ ва босаводона баён намояд.**

# ҶАЛАСАИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБА



Таърихи 29-уми майи соли 2021 дар бинои ТСО ҷаласаи навбатии Кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳ бо иштироки устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.



Дар кори ҷаласа нахуст ҳисоботи раиси Бюрои иттифоқи касабаи факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мавлонназаров О. барои солҳои 2014-2021 шунида шуд. Қайд гардид, ки Бюрои иттифоқи касабаи факултети ҳуқуқӣ дар давоми солҳои ҳисоботӣ тамоми кӯшиши худро бахри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои устодону кормандони факултет ва баркарор намудани вазъи саломатии онҳо сафарбар намуда, дар доираи иду ҷашнҳои давлатӣ устодону кормандони факултетро бо тухфаҳои хотирмон қадрдонӣ намудааст. Сипас, фаъолияти Бюрои иттифоқи касабаи факултети мавриди муҳокима қарор дода шуд. Ҳозирин фаъолияти бюрорo дар давраи ҳисоботӣ қаноатбахш арзёбӣ намуда, ҷиҳати равнақ додани самти фаъолияти он пешниҳодҳои судмандро матраҳ намуданд.

Сипас, дар асоси нақша ҳайати нави Бюрои иттифоқи касабаи факултети ҳуқуқшиносӣ интихоб карда шуд. Ҳамин тариқ, аз ҷониби устодону кормандони факултет Раҷабзода Х. – ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат раиси нави Бюрои иттифоқи касабаи факултети ҳуқуқшиносӣ интихоб карда шуд. Инчунин, ҳайати нави Бюрои иттифоқи касаба интихоб карда шуданд.

Таҳияи
**Шерзода БУРҲОНАЛӢ**

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ



Барои устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мояи ифтихор ва шарафмандист, ки солҳои охир дар факултет сафи устодони унвондор меафзояд. Устодони факултет бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро пурғановат менамоянд. Аз ҷумла, санаи 14-уми майи соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ Одиназода Рамазон Сафар рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дифоъ намуд. Инчунин, санаи 4-уми июни соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики» бо муваффақият ҳимоя намуд.





Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва устодону кормандони ин даргоҳ Одиназода Р.С. ва Мирзамонзода Х.М.-ро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо камолоти муваффақона ва бурдбориҳои беназирро дар соҳаи илм таманно менамоянд.

**Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти ташаккули рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ташкил намудани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ корҳои судмандро анҷом дода истодааст, ки далели ин гуфтаҳо дар асоси Фармоиши №81-и КОА-и назди Президенти ҶТ ба сифати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ворид гардидани маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» мебошад. Ин дуюмин маҷаллаи илмии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад, ки ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ шомил мегардад.**

# «ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН» – МАҶАЛЛАИ ТАҚРИЗШАВАНДА




Маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» дар асоси қарори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ ва Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, аз 20-уми январи соли 2016 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №0249/МҶ ба қайд гирифта шудааст. Маҷаллаи мазкур дар як сол чор маротиба чоп шуда, муассиси он факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, рақами ISSN-и он 2414 9217 мебошад.

Дар маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» мақолаҳои илмӣ, ки фарогирандаи мавзӯъҳои мубрами соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мебошанд, нашр карда мешавад ва он дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шудааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки аз замони таъсис додани маҷаллаи ишорашуда то имрӯз зиёда аз 20 шумораи он рӯи нашр омадааст, ки дар онҳо мақолаҳои олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ, муҳаққиқони ҷавон, инчунин тақризҳои олимони соҳа оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ чой дода шудаанд.

Дар ин росто месазад иброз намуд, ки нақш ва мавқеи декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. дар самти ворид намудани маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин сарикақт ва босифат нашр шудани он бениҳоят бузург мебошад.

Сармуҳаррири маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А., муовини сармуҳаррир доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. ва котиби масъул номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Салоҳидинова С.М. мебошанд. Муҳаррирони илмӣ ва мусаххеҳони маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон»-ро номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев П.С., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шоев Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калон Искандаров Ш.Ф., ассистентон Наимов Б.Ғ. ва Сафарзода Н.Ф. ташкил медиҳанд.

Итминони комил дорем, ки ҳайати маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» минбаъд низ фаъолияти густурдаи худро ба роҳ монда, барои рӯи нашр омадани шумораҳои минбаъдаи маҷалла тамоми қувваи худро сафарбар менамоянд ва дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ин рӯйдоди таърихиро ба тамоми ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ самимона шодбош намуда, ба онҳо дар фаъолияти илмиву омӯзгорӣ дастовардҳои бузургро таманно менамоянд.

Таҳияи
**Ҷ. САЪДИЗОДА**

**Ҳуқуқшинос бояд қобилияти сухан гуфтан ва асоснок намудани нуктаи назари худро дошта бошад.**

# ҶАВОНОН – ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ сиёсати худро дар самти дастгирии ҷавонон ба таври куллӣ дигар намуда, онҳоро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври пурра дастгирӣ намуд.**

Зеро, рӯ овардан ба масъалаи ҷавонон ва истифода намудан аз имконияти зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад Пешвои миллат дар суханронии худ ба муносибати 20-солагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро ба миён гузошта, иброз намуданд, ки таваҷҷуҳ намудан ба ҷавонон ин маънии рӯ овардан ба ояндаи кишвар ва миллатро дорад. Маҳз таваҷҷуҳ ва дастгириҳои доимии Пешвои миллат аст, ки имрӯз ҷавонон дар ҳама самтҳои фаъолият муваффақанд ва бахри баланд бардоштани мақому мартабаи сарзамини биҳиштосои худ пайваста дар талошанд. Бо эълон намудани соли 2017 ҳамчун Соли ҷавонон Пешвои миллат бори дигар хотирнишон намуданд, ки ба қувва ва неруи ҷавонони тоҷик эътимоди комил доранд, ояндаи гул-гулшукуфони Ватани маҳбуби худро дар симои онҳо мебинанд ва мехоҳанд ҷавонон ҳамеша дар талоши илму дониш ва сайқали ҳунару маҳорати худ бошанд, то тавонанд чун номбардору парчамбардори марзу буми аҷдодӣ баромад намоянд. Ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Роҳбари давлат моро ба дӯстиву бародарӣ, ҷавонмардиву ватанпарварӣ, некиву накукорӣ, мардонагиву шуҷоатмандӣ, содиқ будан ба халқу миллати хеш, омӯзиши илму ҳунар, тақвият бахшидани малакаи касбӣ ва дар умум, ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят менамоянд.

Воқеан, ҷавонон ояндасоз, муаррифгар ва пешбарандаи давлат буда, тавони онро доранд, ки Тоҷикистонро дар арсаи олам чун кишвари пешрафта ва дорои неруи бузург муаррифӣ намоянд. Ин масъулияти бениҳоят мушкил буда, аз ҳар ҷавон тақозои онро менамояд то аз болои худ дучанд кор намояд, зеро ӯ на худро, балки миллати худро муаррифӣ месозад. Хушбахтона, бо шарофати истиқлолияти миллӣ ва оромии ҷомеа ҷавонони тоҷик имрӯз тавониста истодаанд Ватани ба ҷон баробари худро дар арсаи байналмилалӣ дар риштаҳои гуногун муаррифӣ намуда, ном ва парчами миллатро боло бардоранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамеша дастгир ва роҳнамои ҷавонон буда, ба онҳо бо забони ноби тоҷикӣ «фарзандони азизам» гӯён муроҷиат менамоянд ва ҷавонон Пешвои миллатро падари маънавии хеш меҳонанд. Аз ҷумла, дар мулоқоти худ бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ таърихи 22 майи соли 2013 бо хитоб ба насли ояндасози миллат чунин ибroз намуданд: «Фарзандони азиз! Агар аз ман пурсанд, ки дар бораи ояндаи Тоҷикистон чӣ андеша дорам, ҷавоби ман чунин ҳоҳад буд: «Ман ояндаи Тоҷикистонро ҳамчун як кишвари ободу пешрафта ва озоду демократӣ мебинам, ки мояи ифтихори ҳар як фарди ҷомеа бошад». Чунин суханони падаронаву самимона ва ба рӯҳу қалб таъсирбахши Пешвои миллат дар вуҷуди ҳар фарди ин миллат тавон ва неруи дигарро зам намуда, водор месозад аз ҳарвақта бештар Ватанро дӯст дорад, хоки муқаддасашро ҳифз кунад, бахри таъмини қонуният талош варзад ва миллати озоду ободро ба наслҳои баъдӣ мерос гузорад.

Ҷойи шубҳа нест, ки маҳз чунин шахсиятҳо метавонанд бахри якпорчагии марзу буми аҷдодӣ талош



Исроил САЛОМОВ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

варзида, миллатро солим нигоҳ доранд. Бо ин мақсад ҳар ҷавони маммалакатро зарур аст ватандӯстдориву ватанпарварӣ, ҷавонмардиву мардонагӣ, некиву накӯкорӣ, шуҷоату далерӣ, ҷоннисорӣ, дар маҷмӯъ бузургтарин ва накутарин хислатҳои неки инсониро аз шахсияти нотакрори таърих – Эмомалӣ Раҳмон биомӯзад ва зиндагиву фаъолияташро чун тимсоле барои худ истифода барад. Мо ҷавонон пайрави Пешвои миллат ҳастем.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАВОНОН



Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА
магистри соли 1

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бемисл барои наслҳои гузашта ва неъмати бебаҳо барои наслҳои оянда мебошад. Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон аст, ки ҳамчун рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандорӣ миллати сарбаланду соҳибтамаддуни тоҷикро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуда истодааст. Истиқлолияти давлатӣ на танҳо пирӯзии халқи тоҷик дар асри гузашта, балки ин дастоварди ва мувафаққияти беназири таърихи куҳани ин халқи соҳибфарҳанг, соҳибтамаддун ва куҳанбунёд мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик тағйир гардиши куллиро ба миён овард. Тамоми дастоварди, пешравӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ ба Истиқлолияти давлатӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҳамзамон кулли тағйироту дигаргуниҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа маҳз баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ сурат гирифт. Истиқлолияти давлатӣ ба халқи тоҷик имконият фароҳам овард, ки ба марҳилаи сифатан нав – роҳи бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардад.

9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид. Истиқлолияти давлатӣ ба пойдории сулҳу субот дар ҷомеа маҳз бо шарофати заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. Маҳз бо фаъолияти пурмуҳтавову пурмаҳсули давлативу ҷамъиятии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеа сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ пойдор гардид.

**Бинобар ин, Пешвои миллат дар замири мо ҷавонон ҳамчун асосгузори давлати навини тоҷикон ва муаррифгари асили миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ нақши воло дорад.**

**Яке аз самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлатро боз ҳам беҳтар намудани шароит ва имконниятҳои ҷавонон дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигари ҷомеа ташкил медиҳад.** Дар тӯли 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Яке аз дастовардҳои муҳим ин мавҷудияти асосҳои ҳуқуқии мукаммали танзими ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, яке аз аввалинҳо шуда, қонуни асосии ҷавононро қабул намуд.

Дигар дастоварди муҳимми Истиқлолияти давлатӣ барои ҷавонон ин дар фазони сулҳу субот ва пойдории ризоияти миллӣ баргузории мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо насли ҷавони кишвар ба шумор меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар воҳӯриҳои чандинкаратаи худ бо ҷавонон: 2 феврали соли 1993, 4 сентябри соли 1993, 17 марти соли 1994, 23 майи соли 1997, 16 майи соли 1998, 21 майи соли 2005, 30 августи соли 2005, 21 майи соли 2021 воҳӯрӣ бо ҷавонони фаъол ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус муҳимтарин муаммову проблемаҳои ҳаёти ҷавононро баррасӣ ва ҳал намуданд. Ин воҳӯриҳо рамзи ояндасозиву ояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгароӣ ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид.

Пешвои миллат қайд менамоянд, ки "кор бо ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба фаъолият оғоз намудани ҳукумати қонунӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини сиёсати давлат эълон гардида буд. Яъне ҳанӯз аз рӯзҳои нахустин банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо барои ҷавонони кишвар таҳти таваҷҷуҳ ва назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор дода шуд. Зеро мо хуб дарк мекардем, ки таваҷҷуҳ ба ҷавонон ғамхорӣ барои ояндаи миллати тоҷик ва таҳкими неруи давлати Тоҷикистон мебошад".

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, квотаҳои Президентӣ барои ҷавонон, таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимон ва муҳаққиқони ҷавон, стипендияи байналмилалии "Дурахшандагон", Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ, бурсияҳо ва барномаҳои барномаҳои байналмилалӣ таъсис дода шуда, амалӣ шуда истодаанд, ки дастоварди дигари ҷавонон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, боз ҳам ба ҳавасмандии ҷавонон ҷиҳати иштироки васеъ доштан дар дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷомеа, илмомӯзӣ, азхудкунии дастовардҳои илму техника, омӯхтани техникаву технологияи муосир мусоидат менамоянд.

"Соли ҷавонон" эълон намудани соли 2017 марҳилаи нави рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ин иқдоми навбатии Пешвои миллат нисбати ҷавонон боз ҳам ба ҳавасмандии ҷавонон ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат, ҳамчун қишри созанда ва бунёдкор иштирок кардан дар рушду нумӯи ҷомеа мусоидат намуд.

Ҳамаи ин дастовардҳо бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардидааст. Давлату Ҳукумат ба ҷавонон ҳамчун неруи созанда, бунёдкор такягоҳи боэътимоди давлат, ояндаи миллат ва созандагони фардои ҷомеа муносибат намуда, нақши онҳоро дар пешрафти кишвар басо муҳим ва арзанда мешуморанд. Дар ин росто, мо ҷавононро зарур аст, ки пайваста дар ҷустуҷӯи илм бошем, ба азхудкунии техника ва технологияи муосир пардохта, дар раванди рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа саҳмгузор ва ҳимоятгари манфиатҳои мамлакат дар арсаи байналмилалӣ бошем.

**Ҳуқуқшинос бояд донишҳои заминавии назариявӣ (граждани, маъмурӣ, ҷиноятӣ, молиявӣ ва ғайраро) дошта бошад.**

# БАЪЗЕ МУШКИЛОТ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ



**Ҷамолиддин Абдуллозода**
**Раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Таъмини адолат дар ҷомеа вазифаи аввалиндарҷаи ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин асно, як аз воситаҳои асосии таъмини адолати судӣ ин таъин намудани чораҳои муҷозотӣ нисбати шахсоне мебошад, ки даст ба содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ҷиноят мезананд. Дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ ҷазо чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки танҳо бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Мақсади асосии ҷазои ҷиноятӣ барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ намудҳои гуногуни ҷазо пешбинӣ гардидааст.

Бинобар ин, суд бояд интихоби васеи намудҳои ҷазоро дошта бошад, то ки яке аз онҳоро бо назардошти хусусият ва ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ва шахси онро содиркарда интихоб намояд.

Дар ин маврид, яке аз воситаҳои расидан ба чунин ҳадафҳо, дар баробари ҷазои асосӣ дар як маврид ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нисбати шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, таъйин намудани ҷазои иловагӣ (маҳрум кардан аз рутбаи махсус, ҳарбӣ, рутбаи дараҷавию мукофотҳои давлатӣ ва мусодираи молу мулк) мебошад.

Аксари ҷазоҳои иловагии Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ташкил намуда, он дар зиёда аз 90 моддаи Кодекси мазкур пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи тағйиру иловаҳо ба қ. 2 м. 50 КҶ ҶТ аз санаи 28 августи соли 2017, таҳти №1467 ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати аз як то бист сол муқаррар карда шудааст.

Ба муҳлати то бист сол маҳрум кардани маҳкумшударо аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, танҳо як моддаи КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки он қ.5 м. 212 мебошад.

Дар таҷрибаи судӣ аз ҷониби судяҳо бисёртар ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум намудан аз ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиёт таъйин карда мешавад, гарчанде, ки чунин намуди ҷазо дар санксияи Қисми махсуси модда ва дар рӯйхати ҷазоҳои пешбининамудаи КҶ ҶТ муқаррар нагардида, он мансуб ба таркиби ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян мебошад.

**ПЕШНИҲОД**

Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки ба м. 47 ва 48 КҶ ҶТ, яъне ба рӯйхати намудҳои ҷазои асосӣ ва иловагӣ тағйирот ворид карда шуда, маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаҳои нақлиёт ҳамчун ҷазои асосӣ ва иловагӣ пешбинӣ карда шавад. Ҳамчунин мувофиқи б. 6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 майи соли 2003, таҳти №11 бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №20 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” ҳангоми таъйин намудани маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян дар қисми хулосавии ҳукм бояд вазифа ё намуди фаъолияте, ки ишғол намудани он ё машғул шудан ба он манъ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон дода шавад.

**Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян меъёри умумӣ буда, маҳрумии кадом мансаб ва шуғли муайянеро судяҳо бо назардошти шахсият, муайян намудани доираи вазифаҳо ва шуғли маҳкумшуда таъйин менамоянд.**

Таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо худ мурракаб буда, ҳангоми таъйини онҳо дар таҷрибаи судӣ мушкилотҳои зиёде ба назар мерасад.

**Таҳлили меъёрҳои таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо се принсипи муқаррар намудани ҷазои ниҳоиро ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷониби судҳо ҷудо менамояд:**

**- дарбаргирӣ, яъне ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар;**

**- зам намудан, яъне қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо;**

**- мустақилона иҷро гардидани ҷазоҳо**

**ПРИНСИПИ ДАРБАРГИРӢ**

Баъзе аз олимон бар он ақидаанд, ки дар як маврид истифода намудани ҷазоҳои гуногуннамуд ин принсипи алоҳидаи таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Мавқеи мазкур ҳамчунин ғайримустақим бо б. 6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 13 марти соли 2003, таҳти №5, бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №18 “Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба таъйин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо” тасдиқ мегардад, ки мутобиқи он агар маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои категорияҳои гуногун: начандон вазнин ва дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин иборат бошанд, дар ин маврид суд метавонад дар вақти таъйин намудани ҷазои ниҳоӣ принсипи ҷазои сабуктари барои ҷинояти начандон вазнин таъйиншударо дар бар гирифтани ҷазоҳои вазнинтар ва ё тарзи бо роҳи пурра ё қисман зам кардан ҷазоҳои таъйиншударо татбиқ кунад.

Дар ҳолате, ки маҷмӯи ҷиноятҳоро ҷиноятҳои начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна ташкил диҳад, нисбати ҷазоҳои иловагии якхелаи таъйиншаванда метавонад принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо татбиқ карда шаванд. Агар дар ин ҳолат ҷазоҳои иловагии ҳархела таъйин шуда бошад, он гоҳ принсипи мустақилона иҷро гардидани онҳо татбиқ карда мешавад. Принсипи дарбаргирӣ вобаста ба ҷазоҳои иловагии ҳархела мутобиқи КҶ ҶТ ғайриимкон мебошад, зеро дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷазоҳои иловагӣ бо пайдарҳамии вазниниашон нишон дода нашудаанд.

**ЗАМ НАМУДАНИ ҶАЗОҲОИ ИЛОВАГӢ**

Зам намудани ҷазоҳои иловагӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки барои ду ва ё зиёда ҷиноятҳо дар баробари ҷазои асосӣ ҳамчунин ҷазоҳои иловагии якнамуда таъйин карда шудааст, ки дар ин ҳолат ҷазои ниҳоӣ дар маҷмӯъ замшаванда аз муҳлат ё андозаи ҳадди аксаре, ки дар Қисми умумии ҳамин Кодекс барои ҳар як намуди ҷазо пешбинӣ шудааст, зиёд буда наметавонад.

**МУСТАҚИЛОНА ИҶРО ГАРДИДАНИ ҶАЗО**

Ҳангоми аз ҷониби суд таъйин намудани ҷазоҳои иловагии зерин: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум кардани шахс аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон принсипи зам намудан бо ҷазоҳои маҳдуд кардан аз озодӣ, маҳрумӣ аз озодӣ ва нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ғайриимкон мебошад, зеро тартиби муайяни зам намудани ҷазоҳои гуногуннамуд дар қонунгузорӣ ҷой надорад. Дар ҳолати таъйини ин қабил парвандаҳо принсипи зам намудан татбиқ нагашта, онҳо мустақилона иҷро карда мешаванд.

Дар ин асно, таҳлили хусусиятҳои хосси таъйини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо имконият медиҳад, чунин хулосаронӣ намоем, ки марҳилаи таъйини ҷазоҳои иловагӣ агарчанде дар баробари таъйини ҷазоҳои асосӣ амалӣ гарданд ҳам, вале дар як маврид он дорои хусусияти хоси алоҳидаи худ буда, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври мушаххас дарҷ ёфта бошанд.

# ЧАНД ПЕШНИҲОД ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ НОБОЛИҒОН

Аз нимаи дуюми асри XX сар карда ба мушкилоти ҳимояи кӯдакону ҷавонон, инкишофи мӯътадилу ҳамаҷонибаи онҳо аҳамияти калон дода шуд. Таҷрибаи тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар як давлат сиёсати дохилӣ ва берунаи худро маҳз барои беҳбудии ояндаи ҷомеааш равона намудааст. Ҳар як давлат дар навбати аввал ба кӯдакон, ки ояндаи миллату давлат мебошанд, ғамхорӣ зоҳир менамояд. Маҳз аз ташкили дурусти таълим ва тарбияи насли навраси имрӯза суръату инкишофи ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илму техника, маданият ва ахлоқ, фаъолияти мақомоти давлативу ғайридавлатӣ вобастагии хеле калон дорад.

Яке аз воситаҳои муҳимми қонунгузории ҷиноятӣ барои пешгирии ҷинояткории ноболиғон ва ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон меъёри дуҷонибаи пешгирии ҷавобгарӣ барои ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (моддаи 165 КҶ ҶТ) мебошад. Аҳаммияти хосаи меъёри ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят инчунин бо он муайян карда мешавад, ки он яке аз меъёрҳои бо пешгирии дукарата, пешгирии на танҳо таҷовузи ҷиноятӣ ба манфиати ноболиғон, балки инчунин барои кам кардани ҷинояти худи ноболиғон мебошад.

Дар зери мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили ноболиғон таҷовузҳои барои ҷамъият хавфноке бояд фаҳмида шавад, ки бевосита ба муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи тарбияи мӯътадили ахлоқиву ҷисмонии ноболиғон равона карда шудааст ё боиси ба миён омадани таҳдиди воқеӣ ба ин муносибатҳо мегарданд. Объекти асосии бевоситаи ҷалби ноболиғон дар содир намудани ҷиноят муносибатҳои иҷтимоие мебошанд, ки ҳуқуқи ноболиғонро барои ҳимоя аз иттилоот, таблиғот ва ташвиқоте, ки ба саломатӣ, рушди маънавӣ ва руҳии ӯ зарар мерасонанд, таъмин мекунанд. Тарафи объективии ҷинояти мазкур аз ҳаракатҳои ҷалб намудани шахси ноболиғ ба содир намудани ҷиноят бо роҳи ваъда, фиреб, таҳдид ё дигар усул, ки аз ҷониби шахси ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида анҷом дода шудааст, иборат мебошад. Субъекти ҷинояти ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят ҳам дорои аломатҳои умумии субъекти ҷиноят ва ҳам дорои аломатҳои махсус мебошад. Яъне, танҳо шахси воқеии мукаллафе барои ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидаанд. Вобаста ба маҳаки синнусолӣ субъекти қисми 1 моддаи 165 КҶ ҶТ субъекти махсус мебошад, зеро субъекти ин ҷиноят шахсе шуда метавонад, синнаш аз ҳаждаҳсолагӣ боло аст. Дар баробари аз ҳаждаҳсолагӣ боло будан дар қисми 2 моддаи болозикр бошад, дигар аломати квалификатсионӣ ва махсус, ки аз субъекти махсус будани ин қисм далолат медиҳад, ин аз ҷониби падару модар, омӯзгор ё шахси дигари қонунан ба зиммаш тарбияи шахсони ноболиғ гузошташуда содир намудани ҳаракатҳои дар қисми 1 модда муқарраргардида мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки ин намуди ҷиноят ба ҷамъият хавфнокии зиёд дошта, зарурат ба миён омадааст, ки боиси як қатор тағйиротҳо қарор гирад.

**Таҳлилу омӯзишҳои гузаронидашуда ба мо имконият додаанд, хулосаҳои асосии зеринро таҳия ва ба хонанда пешниҳод намоем:**

**1. Дар қонуни ҷиноятии амалкунанда як қатор мафҳумҳои аз ҷиҳати мазмун ба ҳам наздик (кӯдак, кӯдаки навзод, кӯдаки хурдсол, ноболиғ, шахсони хурдсол, бараъло ноболиғ ва ғайра) вуҷуд доранд, ки мазмуни дақиқи акасарияти онҳо бевосита дар КҶ ҶТ муқаррар карда нашудааст. Масалан мафҳуми шахсони хурдсол мантиқан аз эзоҳи м. 165 КҶ ҶТ чунин бармеояд, ки шахсоне, ки ҳанӯз ба синни чордаҳсолагӣ нарасидаанд. Пешниҳод карда мешавад, ки бар ивази мафҳумҳои мухталиф мафҳуми ягона бо хусусияти хоси ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ коркард карда шавад.**

**2. Таҳти мафҳуми ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (моддаи 165 КҶ ҶТ) бояд амалҳои фаъоли шахси ба балоғатрасида (аз 18 сола боло) нисбат ба шахси то 18 равона кардашуда оид ба ҷалб кардан, таҳкими қарор ё омодагии ӯ дар содир намудани кирдор ё фаъолияти барои ҷамъият хавфнок ё таҳрику тайёрӣ ба тарзи ҳаёти ҷинояткорона фаҳмида шавад.**

**3. Васеъ кардани доираи субъектони қ.2 м. 165 КҶ ҶТ бо чунин мазмун: “Ҳамин кирдор агар, аз ҷониби падару модар, падарандар ё модарандар, бародар ё хоҳар, омӯзгор ва ё шахси дигари қонунан ба зиммаш уҳдадории таълиму тарбияи ноболиғ гузошташуда содир шуда бошад”;**

**4. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят бо роҳи тарҳрезии чунин аломатҳои бандубасткунанда, ба монанди “ҷалби ду ва (ё) зиёда ноболиғ ба содир намудани ҷиноят”, “содир кардани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил”, “ҷалби ноболиғ дар содир намудани ҷиноят бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет ва ё шабакаҳои алоқаи барқӣ” имконпазир аст. Ин аломатҳои бандубасткунандаро мо дар қисми 3 моддаи 165 КҶ ҶТ ҷойгир карда метавонем.**

**5. Пешниҳод карда мешавад, ки боби мустақили “Ҷиноятҳо ба муқобили рушди мӯътадили ҷисмонӣ ва маънавии ноболиғон” дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ташкил карда шуда, дигар ҷиноятҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон бевосита таҷовуз меоранд (ба монанди б. “а” қ.2 м. 203 КҶ ҶТ (моил намудани шахси бараъло ноболиғ ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ), қ.2 м. 241 КҶ ҶТ(ҷалб намудани ноболиғ ба муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ), м. 241 бо иловаи 2 КҶ ҶТ(ҷалб намудани ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ ё иштирок дар чорабиниҳои хусусияти порнографӣ) ва ғ.) дар боби мазкур мутамарказ карда шаванд.**



**Шоҳрухон БАРОТОВ**
**донишҷӯи соли 4**

**Ҳуқуқшинос бояд ботамкин ва хушгуфтор бошад.**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НОМГУЗОРИИ МАҲАЛҲО

## ТОПОНИМИКА ИЛМЕ МЕБОШАД, КИ БЕВОСИТА НОМИ МАҲАЛҲОИ ҶУҒРОФИРО МЕОМӮЗАД.



Беҳрӯз САФАРОВ
магистри соли 1

Номгузории маҳалҳои аҳолинишин ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ яке аз сарчашмаҳои муътамад ва муҳимми омӯзиши таърих, фарҳанг, ҷуғрофия ва мардумшиносӣ ба шумор меравад. Аз номҳои ҷуғрофӣ метавон ахбору маълумоти арзишманд оид ба забон, давлат, гурӯҳҳои этникӣ, халқ ва қавму қабилаҳои дар ҳудуди муайян, дар гузашта ба сар бурдаро ба даст овард.

Агар ба таърихи номгузории халқи тоҷик назар андозем, мебинем, ки номҳои маҳалҳо ифодагари таъриху маданият, урфу одат, боварҳои мардумӣ ва орзуву омоли халқ мебошанд. Аз китобҳои давраи Сомониён ва қабл аз он маълум мешавад, ки номҳои маконҳои аҷдодии мо ба забонҳои маҳаллии эронӣ, ба мисли суғдӣ, бохтарӣ, портӣ, форсӣ ва ғ. гузошта шудаанд.

Баъдан, дар замони Шӯравӣ номи ҳазорҳо маҳал ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии Тоҷикистон иваз карда шуданд, аз қабили Пролетар, Октябр, Москва, Колхозобод, Ленинобод ва ғайра. Номгузории баъзе деҳоту колхозу совхозҳо бинобар таъсири идеологияи коммунистӣ ба дараҷаи ифрот расонида мешуд, масалан «24 Партсеезд», «Политотдел», «Ильич» ва ҳоказо.

Мақсад аз мисолу гуфтаҳои мухтасари боло дар он аст, ки имрӯз, пас аз пирӯзии истиқлол, зиндагӣ дар шароити истиқлоли миллию давлатӣ, рӯ овардан ба арзишҳои башарӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ зарурати ислоҳи вазъиятро дар соҳаи номгузории маҳалҳои ҷумҳурӣ ба миён овард ва дар ин асно корҳои созанде низ анҷом дода шудааст.

Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо қабул намудани қарорҳои дахлдор қисмати зиёди номҳои воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, майдону боғҳои фарҳангӣ ва дигар объектҳои давлатиро бо забони давлатӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ҷанбаҳои илмию таърихӣ, хусусиятҳои тарбиявӣ ва поси хотираи ходимони ҷамъиятиву сиёсӣ иваз намуд, ба мисли номҳои вилояти Хатлон, Суғд, шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Леваканд, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Темурмалик, Шамсиддин Шоҳин, Кушониён, Рашт, Спитамен, Истаравшан, Ваҳдат ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки дар самти номгузории маҳалҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мазкурро муқаррар намудаанд. Ба онҳо метавон Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии ҶТ», Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дохил намуд. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» боби 4-уми хешро ба масъалаи номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудии маҳалҳои аҳолинишин ва қисмҳои таркибии онҳо бахшидааст. Дар асоси қонуни номбурда, ҳангоми номгузорӣ ва тағйир додани номи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишин манфиатҳои умумидавлатӣ, шароити ҷуғрофӣ, таърихӣ, миллӣ, табиӣ ва шароити дигари маҳал, инчунин қарори маҷлиси аҳолии маҳалли дахлдор амалӣ мегардад (м.18). Қонунгузории кишвар бо мақсади ҳифзи забони давлатӣ талаботи ҳатмии бо забони давлатӣ номгузорӣ намудани маҳалҳоро дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин муқарар намудааст: «Номгузорӣ, иваз намудани номи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо, инчунин кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва дигар маҳалҳои аҳолинишин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад».

Қонунгузории кишвар масъалаи номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро ба салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудааст, ки тибқи он Маҷлиси миллӣ дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот бо назардошти қарори маҷлисҳои аҳолии ҳамин воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалли аҳолинишин амалӣ менамояд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 2000 то инҷониб Маҷлиси миллӣ зиёда аз 88 қарор қабул карда, бештар аз 1110 воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳали аҳолинишин номгузорӣ гардида ё номашон тағйир дода шудаанд.

Ҳангоми номгузорӣ ва номивазкунии қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин такроран гузоштани номҳое, ки дар ин маҳалҳои аҳолинишин мавҷуданд, манъ аст. Инчунин, мувофиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии ҶТ» бо номи шахсони дар қайди ҳаётбуда номгузорӣ кардани қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин манъ аст.

Барқарор намудани фарҳангу суннати неки номгузорӣ бо гиромидошт ба гузашта, имрӯза ваояндаи миллату кишвари азизамон масъулияти том ва вазифаи бевоситаи олимону муҳаққиқони илми забону адабиёт, бостоншиносон, муаррихон ва олимони соҳаҳои гуногуни улуми ҷуғрофӣ, харитасозон, ходимони давлатӣ, масъулони идораҳои роҳбарии вилояту шаҳр, ноҳия, ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти мамлакат маҳсуб мешавад.

Ҳангоми таҳлили масъалаи баррасинамуда, инчунин таҳлили қонунгузории кишвар, адабиёти илмӣ, амалияи соҳавӣ ва фикру андешаҳои олимону мутахассисони соҳа метавон як зумра масъалаи ислоҳталаби соҳаро номбар намуд:

1. Дар харитаи кишварамон бисёре аз номҳо ба тариқи такрор ба қайд гирифта шудаанд. Масалан, дар ноҳияи Фархор ду номи Бӯстон, дар ноҳияҳои Шаҳритус, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Б. Ғафуров ду номи Гулистон, дар ноҳияи Восеъ ду номи Баҳористон, дар ноҳияи Рашт ду номи Баҳористон ва ғайра ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, ки ҳангоми номгузорӣ ба ин масъала диққати махсус дода шавад.

2. Қобили қабул шуморида мешавад, ки ҳангоми номгузорӣ, алалхусус номҳои маҳалҳои навбунёд хусусиятҳои ҷуғрофӣ, геологӣ, биологӣ ва таърихии мавзеъҳои мазкур ба инобат гирифта шавад.

3. Пеш аз номгузории мавзеъҳои ҷуғрофии маҳалҳо бояд номҳои таърихӣ ва пешини онҳо аз нав мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқи муфассали донишмандони номшинос (забоншинос, муаррихон, ҷуғрофидонон) қарор ёбанд, чунки таърихи номгузории маҳалҳои ҷуғрофӣ ба таърихи миллат, забон, фарҳанг ва суннатҳои миллии мардум робитаи ногусастанӣ дорад.




Дар ин росто, чунин пешниҳодҳо ба мақсад мувофиқ аст:

1. Хуб мешуд, ки ба ҷойи такрори номҳо аз осори луғавии бою ғании забони тоҷикӣ истифода карда шавад.

2. Дар заминаи қисми 2 моддаи 19 Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии ҶТ” зарур аст, ки номҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ, ки ба гузаштаи дури мардум ва сарзамини мо иртибот дорад, мутобиқи суннати номгузории мо эҳё ва барқарор карда шаванд. Дар ин кор комиссияҳои дахлдорро зарур аст, ки бо олимону коршиносони соҳа ҳамкорӣ намуда, номҳои қаблан таърихӣ-бостонии аҷдодӣ, ки имрӯз тағйири ном кардаанд, аз нав барқарор карда шаванд.

3. Ҳангоми номгузорӣ ва иваз намудани номи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо, инчунин кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва дигар маҳалҳои аҳолинишин аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор бояд хулосаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шавад.

4. Хуб мешуд, ки “Дастурамали тартиби номгузории номи маҳалҳо ва мавзеъҳои ҷуғрофию табиӣ” аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад.

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Тавре ки маълум аст, 26-январи соли равон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои солҳои оянда муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзу ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Дар бинои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тамоми судяҳо ва кормандони шуъбаҳо якҷоя дар пахши мустақим аз ҷараёни ироаи Паёмро тамошо намуданд. Дар ҷараёни паём вобаста ба ҳокимияти судӣ дарҷ гардид, ки “масъалаҳои таъмини қонуният ва адолати судӣ, тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии баъзе камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ҷойдошта ибрози андеша карда буданд. Аз ин рӯ, роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ба масъалаҳои баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, тайёр намудан ва интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд”.

Такя ба суханҳои дарҷгардидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, роҳбарияти суди ноҳияи Сино, ҳамаи кормандон дар масъалаи қонуният, риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷиддӣ муносибат намуда, дар иҷрои таъмини волояти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сахми худро гузошта истодаанд.

Воқеан, дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ ҳокимияти судӣ шохаи мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонунҳои ҶТ тобеъ мебошанд. Ба амал татбиқ намудани адолати судӣ кори бисёр душвор ва нозук ба ҳисоб меравад. Чунки бо андак сахви судя имкон дорад, ки адолат таъмин нагардида, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд поймол гардад. Маҳз ба ҳамин мақсад ба амал баровардани адолати судӣ ба зиммаи судҳо вогузор гардидааст. Бинобар ин мураккабии фаъолияти шохаи ҳокимияти судӣ таваҷҷуҳи Роҳбари давлат дар ин самт зиёд аст.

Дар самти таъмини адолати судӣ ва мустаҳкам намудани фаъолияти шохаи ҳокимияти судӣ дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидааст, ки нишон аз муҳимияти ин сохтор шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, боби 8 Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи судҳои ҶТ” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Инчунин, дар Паёми соли ҷорӣ қайд карда шуд, ки тайи чанд соли гузашта озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи донойи китоб аст» як нуктаи бисёр муҳимро собит намуданд, ки дар байни наврасону ҷавонони мо истеъдодҳои нодир ба воя расида истодаанд, ки мо бояд онҳоро ҳамаҷониба дастгириву ҳавасманд гардонем. Таҷриба муайян намуд, ки озмунҳои дар боло қайд гардида, дар байни ҳама табақаҳои ҷомеа самари хуб дода имконияти сайқал додани қобилияти зеҳнӣ ва дур шудан аз ҳар гуна амалҳои номатлуб мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва мустаҳкам намудани фонди луғавӣ, дар бинои судӣ ноҳияи Синои шаҳри Душанбе китобхонаи илмӣ-оммавӣ ташкил карда шудааст, ки дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат амал намуда, бо тамоми адабиёт муҷҳаҳаз гардонида, таҳти шиори “Китоб – равшангари ақлҳо” озмун эълон намуда, фаъолият мебарад.



**Абдулҳамид ИСКАНДАРЗОД**
**судяи суди ноҳияи Синои ш. Душанбе**

Ҳамин тавр, мақсаду маромми Роҳбари давлат роҳнамоии мардуми шарифи кишвар ба андухтани дониш ва баланд бардоштани малакаву маҳорати шаҳрвандон аст. Маҳз ба ин васила, пешравии ҷомеа имконпазир аст. Миллате, ки босавод аст, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад.

Тамоми талошҳои Пешвои миллат ба хотири имрӯзу фардои дурахшони Ватани азиз мебошад!

# РОЛЬ ЖЕНЩИН В ПРЕДОТВРАЩЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА И ТЕРРОРИЗМА



**Фаридун АБДУРАХИМЗОДА**
**главный специалист отдела финансового, налогового, таможенного законодательства и банковской деятельности Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

В большинство странах мира, в том числе и в Таджикистане, роль женщин в предотвращении и предупреждении экстремизма и терроризма очень велика. В Республике Таджикистан в большинстве случаев все зависит от воспитания матери, поэтому роль женщин столь велика.

Когда мы говорим о верующем или религиозном человеке, то воспитание и образование – это качества, неразрывно связанные друг с другом. Хорошо воспитанный и образованный верующий человек не может представлять угрозы и мировоззрение детей, отчасти напрямую зависит от матери, что является основным способом предотвращения экстремизма и терроризма.

Женщины в форме сотрудника милиции и сотрудника государственной безопасности могут быть особенно эффективными в предотвращении экстремизма и терроризма и в борьбе с этой угрозой, а также при сборе жизненно важной информации об угрозах безопасности в условиях, когда гендерные различия и культурные традиции в Таджикистане ограничивают доступ женщин мужчинами. Также бывают случаи, когда только женщины-милиционеры могут быть первыми, кто оказывает помощь женщинам, ставшим жертвами экстремистических и террористических актов.

Кроме того, если женщины занимают руководящие должности в государственных учреждениях и органах, осуществляющих предотвращение и борьбу с экстремизмом и терроризмом, это свидетельствует о том, что предпринимаемые усилия отражают отношение всего общества к решению этих проблем. Поскольку участие женщин в разработке, принятии и реализации стратегий и программ по предотвращению экстремизма и терроризма на национальном и местном уровне, дает возможность привлечь к участию в консультациях заинтересованные стороны. В итоге это позволяет придать стратегиям и программам более комплексный характер.

Организации гражданского общества создали множество сетей по всему миру для объединения женщин, например, сеть «Женщины и экстремизм» [WaE] Института стратегического развития [ISD], «Женщины без границ» [WwB] и ее платформа «Сестры против насильственного экстремизма» [SAVE]), сеть «Матери для жизни» Немецкого института по изучению радикализации и дерадикализации [GIRDS]). Эти сети облегчают обмен информацией между женщинами по разным проблемам, связанными с экстремизмом и терроризмом. Например, с помощью новых проектов, таких как «Школы материнства» (MotherSchools), сеть «Женщины без границ» поддерживает воспитание у матерей личных качеств, прививает навыки общения и воспитания, чтобы они могли распознавать ранние признаки возможной радикализации у своих детей и реагировать на них.

В Республике Таджикистан следует Комитетом по делам женщин и семье при Правительстве Республики Таджикистан создавать такие же сети для воспитания, участия женщин для предотвращения экстремизма и терроризма. В условиях глобализации это нам дает возможность быстро обмениваться информацией по борьбе с терроризмом и экстремизмом с помощью информационно-технологических коммуникаций.

Благодаря огромным возможностям Интернета (через веб-сайты, 125 онлайн-платформы или форумы) и традиционных средств массовой информации (таких как фильмы), эти сообщения дают возможность женщинам принять меры для защиты своих семей и начать содержательный разговор о предотвращения экстремизма и терроризма.

# ҶАВОНОН ВА РУШДИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон беш аз беш дар самти бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадам мезанад. Дар замони Истиқлолияти давлатии ҶТ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ғайра. Ин тағйиротҳо ба ҷавонон, ки имрӯзҳо қисми фаъолтарини аҳолиро ташкил медиҳанд, таъсир мерасонад.

Ҷавонон ҳамчун ояндаи миллат дар ҳама давру замон барои ҷомеа арзиши махсус доранд. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар ҳам аз нуктаи назари рушди худ ва ҳам афзоиши нақши ҷавонон дар таҳкими истиқлолияти ҶТ манфиатнок ба шумор меравад. Ҷавонон баранда ва суръатбахши татбиқ намудани ғояҳо, ташаббусҳо, шаклҳои нави зиндагӣ мебошанд, зеро онҳо табиатан ҷонибдори сулҳ ва муттаҳидӣ ҳастанд. Дар ҷое ки ҷавон ҳаст, тартиби нав, оромиш, амният вуҷуд дорад.

Ҷавонон субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки имконияти ташаббус ва пешсафиро дар ҷомеа соҳиб мебошанд. Ин қишри ҷомеа на танҳо ба зиндагии ояндаи худ омодагӣ мебинанд, балки қувваи зеҳнӣ ва ҷисмонии худро самаранок истифода мебаранд, ки зиндагии озоду осуда дошта бошанд. Дар баробари он ки ҷавонон истеъмолкунандагони сарватҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд, инчунин истеҳсолкунандагони ин неъматҳо низ ба ҳисоб мераванд. Маҳз бо чунин роҳ онҳо андешаҳо ва ғояҳои навро ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид сохта, самт ва равиши ҷомеаро метавонанд тағйир ва ё нав созанд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки бо як қатор сабабҳои воқеӣ майл ва омодагии ҷавонон ба тағйироту навсозӣ дар муқоиса бо дигар қишрҳои ҷомеа хеле баландтар аст.

Якум, синну сол. Дар ин синну сол шахс ҷавонон бисёр фаъол хастанд ва ҳамеша дар талоши навгониҳои зиёданд. Қувваи зиёди рӯҳиву ҷисмониро соҳибанд, ки аз монеаҳои зиндагӣ дар ҳарос нестанд. Бинобар ин қавиирода-гии худ, дар бештари мавридҳо муваффақияту комёбиҳо насиби онҳо мегардад.



**Сайвалӣ БОБОХОНЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Дувум, шуури ҷавонон. Аз сабаби он ки шуури ҷавонон он қадар шахшуда нест, имкони пайдо кардани дидгоҳи навро доро мебошанд. Сарчашмаи хабарӣ ва манбаъҳое, ки шуури ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баланд мегардад, зиёд мебошанд. Бинобар ин, инкишофи шуури ҷавонон нисбат ба дигар қишри ҷомеа зудтар ба тағйиротҳои куллӣ рӯ ба рӯ мегардад. Баланд гардидани шуури ҷавонон боиси пешравии ҷомеа хоҳад шуд.

Сеюм, вобастагии иқтисодӣ. Дар шароити имрӯза ва таъсири ҷомеаи бузоргонӣ ҷавонон талоши онро менамоянд, ки аз вартаи вобастагии иқтисодӣ берун шаванд. Маҳз бо ин роҳ онҳо худро мустақил эҳсос карда, барои мукаммал намудани фаъолияти худ дар ин самт аз ҳама кӯшишҳо истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, пешрафти ҷомеа аз истифодаи самараноки кадрҳои ҷавон вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, ҷавононро ояндаи миллат ва давлат меноманд ва ояндаи дурахшони Ватан аз талошу заҳматҳои онҳо вобастагӣ дорад.

# АЗ ҶАРАЁНИ КОРИ КОМИССИЯИ

Дар асоси фармоиши ректори ДМТ аз санаи 17-уми апрели соли 2021 имтиҳонҳои давлатии хатмкунандагони соли хониши 2020-2021 доир ба ихтисосҳо, дифоъи корҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ оғоз гардидааст. Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносӣ панҷ комиссияи аттестатсионии давлатии хатм: чаҳор комиссия дар шуъбаи рӯзона ва як комиссия дар шуъбаи ғоибона фаъолият карда истодаанд.

Дар шуъбаи рӯзона комиссияи якумро директори Маркази миллии қонунгузорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода Изатулло Ҳабибулло раисӣ менамояд. Комиссияи дуюм бошад, тахти роҳбарии директори Агентии хизмати дав-










# АТТЕСТАТСИОНИИ ДАВЛАТӢ

латии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Муҳмадалиевич фаъолият карда истодааст. Комиссияи сеюмро дар шуъбаи ғоибона ва маълумоти дуюм доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҷидзода Ҷурахон ба уҳда доранд. Комиссияи чаҳорум зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Элназаров Давлат фаъолият дошта, комиссияи панҷумро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов Умрилло ба зимма доранд.

То имрӯз раисон ва аъзои комиссияҳои аттестатсионии давлатии хатм сатҳи дониш ва саводнокии хатмкунандагони факултетро қаноатбахш арзёбӣ намудаанд.

**Таҳияи Миралӣ СОБИРОВ**

















# ҶАҲОНИШАВӢ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН



Собир САИДЗОДА
магистри соли 1-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили ҷавон дар раванди ҷаҳонишавӣ бо вуҷуди дастовардҳои зиёди замони Истиқлолияти давлатӣ, аз назари рушди технологияи иттилоотӣ нақши таъсирпазирро дорад. Муқобилият ва истодагарии кишвар дар раванди қабули арзишҳои башарӣ омилҳои муайянро рӯи кор овардааст.**

Дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ, тантанаи озодиҳои сиёсӣ, вусъат ёфтани унсурҳои низоми идораи демократӣ, ки дар ҳамбастагӣ бо рушди илму техника ва афзоишу тарақии технологияи иттилоотӣ сурат мегирад ва таъмини ҳифзи амнияти иттилоотӣ мураккаб мегардад. Ин мураккабӣ дар пайваст бо ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва зуҳури манфиатҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодии кишварҳои олам ба минтақа, дар раванди ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва тинҷию оромии кишвар мухиммияти бештарро касб менамояд.

Дигаргунӣ ва равандҳои ҷаҳонишавии манфиатҳо дар дунё босуръат идома дошта, инсоният ба таҳдиду хатарҳои наве дучор гардидааст, ки мубориза бо ин гуна кирдорҳои нави хатарноки ҷаҳонӣ муносибати комилан навро тақозо мекунад.

Ба андешаи Пешвои муаззами миллат, Мухтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ ва торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад".

Ҷаҳонишавӣ чун раванди муттаҳидкунандае, ки теъдоди афзоишёбандаи одамонро торафт бештар ба низоми ягонаи молиявию иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсӣ бо алоқаҳои маданӣ, динӣ ва забонӣ ба як марказ ва ё атрофи доираи манфиатҳои муайян ҷамъ менамояд, падидаи ягона ва нав нест. Ин ҳодиса ҳанӯз аз даврони қадим дар доираҳои мухталиф бо тарз ва шаклҳои гуногун худро вонамуд кардааст.



Муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, ки муносибатҳои ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ ибтидои худро аз нахустин бахамоии ҳамсояҳо (дар симои авлодҳо, қабилаҳо, халқиятҳо) дар шакли ҷангу сулҳ, мубодилот, муҳоҷират ва амсоли инҳо гирифтааст.

Ин ҳолат падидаи ҷаҳонишавиро бо арзишҳои бунёдиаш ба мақоми ҳуқуқии озодӣ, адолат, инсоф тадбил ба шабоҳат дода, дарки дурусти онро ноаён мегардонад ва вобаста ба шароити таърихӣ, вазъиятҳои субъектонаи он халқу миллатҳо манфиату зарари онро дар алоҳидагӣ тавлид менамояд.

Ба ҳар паҳное, ки мавҷи ҷаҳонишавӣ ва ё як ҷараёни пешрафтаи он ҷӣ дар шакли ғарбгарой ва ё ҷӣ дар шакли ифротгароии шарқӣ ва ё динӣ ворид мешавад, мо дарди рӯҳӣ ва моддиро бо гум кардани арзишҳои миллӣ, худшиносӣ ва фарҳанги аҷдодӣ эҳсос мекунем. Аҷиб он аст, ки таърих аз як ҷониб ба қудратҳои бузург имкон медиҳад, ки манфиатҳои худро дур аз сарҳади таърихию миллиашон тахти консепсияи кашфкардаи Арасту ҳифз намоянд. Бо ин ҳодиса муқовимат бениҳоят душвор аст. Зеро неруи он аз маркази лаппиш (флуктуатсия) бениҳоят қавӣ буда, ҳар як муқовимати ҷудогонаро дар роҳаш пахш менамояд ва ҳамзамон дар акнофу атроф, вай ҳамеша пайравону ҷонниссорони худро пайдо намуда, паҳншавии худро озодона идома медиҳад. Ҳамин тавр, ҳодисае, ки мо доир ба он изҳори назар менамоем, ба зимми он, ки шароити мусоиди инкишофро дар дохил ва хориҷ доро аст, ду қутби ба ҳам тазод низ дорад.

# ЯКЕ АЗ ПРОБЛЕМАҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР

Имрӯз инсоният дар як қатор проблемаҳои глобалии ҷаҳон қарор дорад, ки ҳалли онҳо кори ҳамаи давлатҳои ҷаҳон аст. Ба чунин проблемаҳои глобалии ҷаҳон шомил шуда метавонад: болоравии экстремизм ва терроризм, яъне ифротгарой, ҷиноятҳориҳои трансмиллӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшиданӣ ва ғизо, нигаҳдории муҳити зист яъне экология, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, масъалаҳои демографӣ, коррупсия аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки барои амнияти аҳолии кураи замин ташвишоваранд.

Яке аз проблемаҳое, ки ба тамоми инсоният хатари маргро ба миён меорад ин терроризм мебошад. Терроризм яке аз равияҳои тундгарои ҷомеа буда, имрӯзҳо ба ҷомеа таъсири хеле манфии худро расонида истодааст. Ҷавонони гумроҳ бо ваъдаҳои дурӯғи хоҷагони террорист бовар намудаву фирефта шуда, аксаран ба доми он меафтанд. Аз ин сабаб, хеле хуб мешуд, ки ҷавонон ба ваъдаҳои бардурӯғи ифротгароён, ки дар хориҷи кишвар истода, бо ҳар баҳона онҳоро фиреб доданӣ мешаванд, набояд фирефта шаванд.

Яке аз шаклҳои маълуми терроризм ин терроризми динӣ мебошад, дар бештар маврид, он дар давлатҳои исломӣ зуҳур ёфта, боиси хароб гардидани ҷомеаҳои исломӣ гардидааст. Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ оид ба хатарнок будани экстремизм ва терроризми динӣ изҳори нагаронӣ намуда буданд. Чунончи Сарвари давлат иброз намуданд: "Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем.



Бинобар ин, ҷавонон бояд, ки аз ин гуфтаҳои Сарвари сиёсии кишвар барои худ хулосаҳои ҷиддӣ бигиранд ва дар самти мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм дар сафи пеш бошанд. Зеро, ки аз ин оромиву осудагии кишвар вобастагӣ дорад.



Далер БОБОЕВ
донишҷӯи соли 3

Сулҳу субот ва осудагию оромии хонадони ҳар як тоҷик ва тоҷикистонӣ аз муттаҳидӣ ва сарҷамъӣ сарчашма мегирад. Пас, иттиҳод асоси муваффақиятҳои бузург ва ояндаи дурахшон аст ва бо ин роҳ мо муқобили ҳама гуна кирдорҳои номатлубӣ ҷамъиятӣ истодагарӣ карда метавонем.

# ҶАЗО ДАР АҲДИ ДАВЛАТҲОИ ҚАДИМ



Мавлуда МУХАМЕДШОЕВА
донишҷӯи соли 1

Инсоният аз давраҳои қадим сар карда, таърихи тӯлонии пайдоиш ва дар амал татбиқ намудани ҷораҳои хеле гуногуни ҷазоро аз сар гузаронидааст. Мазмуни ҷазо вобаста аз давраҳои муайяни таърихӣ, намуд ва шакли давлатдорӣ, таълимоти ҳуқуқӣ ва дигар омилҳо тағйир ёфтааст. Вале яке аз мақсадҳои ҷазо, ки пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав мебошад, аз ҳамон давраҳо то ҳол бетағйир мондааст.

Ҷазо яке аз роҳҳои амалинамоии адолат ба шумор меравад. Дар давраҳои қадим бешубҳа ҷазо хеле пуразоб буд. Масалан, дар Юнони қадим қонунҳои Дракон (621 пеш аз милод) амал менамуданд, ки ниҳоят бераҳм буданд, масалан, дуздии сабзавот бо куштор баробар буд ва ҷазо барои он ҳукми қатл буд. Дар ин давра, ҳатто ба ашёи беҷон, ки агар он сабаби марги инсон мешуд, ҷазо татбиқ мегардид.

Яке аз аввалин маъхазҳои хаттии дигар Қонунҳои XII ҷадвал мебошанд, ки дар Рими қадим мавҷуд буданд. Дар он ҷазо шартан ба ду намуд ҷудо гардидааст: вазнин ва дигар ҷазоҳо.

Ба ҷазои вазнин асосан инҳо дохил мешуданд: ҷазои қатл ва бадарға ва ба дигар ҷазоҳо бошад - ҷаримаҳо ё ҷазои ҷисмонӣ (масалан, дар ҳолатҳое, ки дузд дар ҷои ҷиноят дастгир карда шудааст, вай ба ҷазои ҷисмонӣ дучор мешуд). Агар шахс куштори хуниро содир карда бошад, пас ӯро бо саг, хурӯс ё мор ба халта дӯхта, сипас ба дарё ё дар баҳр ғарқ мекарданд.

Қонуни ҷиноии Ҳинди қадимро дар доираи қонунҳои Ману баррасӣ кардан мумкин аст (асри II пеш аз милод). Ҷазо дар ин давр ҳам хело бераҳмона буд, аксар вақт ҷазои қатл татбиқ карда мешуд. Мисол, сар аз тан ҷудо кардан, сузонидан, ғарқкунӣ, буридани аъзои бадан, зери пои фил кардан, ба оби ҷӯш дохтан ва ғайраҳо. Агар айбдоршаванда аз кастаи браҳманҳо мебуд, ҷазо бо тарошидани сар иваз карда мешуд.

Дар ҷамъияти қадимии Миср бошад, ба масъалаи ҷӣ будани ҷиноят ва ҷӣ гуна ҷазо татбиқ намудан барои кирдор, аз нуқтаи назари ахлоқӣ ва принсипҳои динӣ, муносибат мекарданд. Мисриён ҳатто ба одамоне, ки аллакай фавтида буданд, ҷазо татбиқ менамуданд бо ин бо номи «суди дунёи дигар» машҳур буд.

Ҷиноятҳо дар Мисри Қадим ба ду категория тақсим карда шуданд: ҷиноятҳо алайҳи ҷомеа (куштор, дуздии моликияти хусусӣ ва ғ.) ва ҷиноятҳо алайҳи давлат ва тартибот дар кишвар (ришва, хиёнат, дуздии моликияти давлатӣ ва рафтори номуносиб нисбати ашёи динӣ).

Хулоса, ҷазо як намуди вокуниши табиии давлат ба ҷиноятҳои содиршуда мебошад. Таъйини ҷазои қонунӣ, оқилона ва одилона воситаи муҳими мубориза бо ҷинояткорӣ ва таҳкими қонунияту тартибот буда, ба ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшудагон, инчунин пешгирии содир шудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби маҳкумшудагон ва шахсони дигар мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, дар давлатҳои қадим мафҳуми «ҳуқуқи ҷиноятӣ» вуҷуд надошт, вале низоми «ҷиноят ва ҷазо» амал менамуд, ки он намудҳои бераҳмонаи ҷазоро муқаррар мекард.

**Ҳуқуқшинос бояд хотираи хуб (аз ҷумла хотираи визуалӣ) дошта бошад.**



# МАҚОМУ МАРТАБАИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

**Зан олиҳаест, ки дар садафи ӯ қиматтарин марворидҳои башар таҳияву такмил ёфтаанд.**

Шарофат МУМИНЗОДА
донишҷӯи соли 3

Воқеан, занон ва модарон дар ҷомеа мартабаи бузург доранд. Агар дар бобати бузургӣ ва мақому манзалати зан дар ҷомеа борҳо ва солҳо ҳам сухан гӯем боз ҳам басанда нест. Ҳастии ҳар як фард дар ин дунё аз занмодар сарчашма мегирад. Бинобар ин бузургии худ, мавқеъ ва мартабаи занон дар ҷомеаи кунунӣ бисёр баланд аст.

яҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ мавқеи занонро дар ҷомеа эътироф мекарданд.

Марҳилаи сифатан нави рушди ҳуқуқу озодиҳои занон ва мавқеи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба Истиқлолияти давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Чунки баъди ба даст овардани истиқлолият ба масъалаи баланд бардоштани мақом ва мартабаи зан дар ҷомеа, ва муҳайё намудани шароити хуб барои иштиро-



Сиёсати давлатӣ низ ба он нигаронида шудааст, то ки занон ва модарон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеа фаъолона иштирок намуда, барои пешрафту шукуфоии ватани азизамон нақши боризи худро гузоранд.

Яке аз марҳилаҳои фаъолгардонии иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ташкил шудани ҳокимияти шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра, ба зан ва мавқеи он дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Ҳуқуқу озодиҳои занон расман эътироф ва дар Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки соли 1936 қабул гардидааст, мустаҳкам карда шуд. Тибқи ин санад, ҳуқуқи занон ва мардон баробар эътироф карда шуд. Бо истифода аз ин ҳуқуқ, занон низ дар баробари мардон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии корҳои давлатӣ иштирок мекарданд. Дар баробари Конститутсияи соли 1936, дигар Қонунҳои асосии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Конститутси-

ки онҳо дар идоракунии корҳои давлатӣ таваҷҷуҳи хоссаи ҳукумати мамлакат зоҳир карда шуд. Далели ин гуфтаҳо, моддаи 17 Конститутсияи ҶТ мебошад, ки дар он баробарҳуқуқии занону мардон ба таври дақиқ муқаррар гардидааст. Бо истифода аз ин ҳуқуқ, занон низ дар баробари мардон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ озодона иштирок менамоянд. Ҳамчунин, моддаи 27 Конститутсияи ҶТ бошад, иштироки ҳар як шаҳрвандро дар ҳаёти сиёсӣ кафолат медиҳад, новобаста аз ҷинс, моликият, нажод ва ғайра.

Хулоса, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки зан муборизи қавиирода буда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷамъиятиву давлатӣ нақши ҳалкунандаро мебозад ва ин аст, ки мақому мартабаи зан дар ҷомеа рӯз аз рӯз меафзояд. Албатта, ки бо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар низ дар ин масъала шоистаи таҳсин аст.

# ҲИФЗИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН

**Шахси то синни 18-сола кӯдак ҳисобида мешавад.**
**(моддаи 1-и Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак)**

Яке аз масъалаҳои ташвишовар дар ҷаҳони имрӯза, ин ҷалби кӯдакон ба корҳои шабона ва шароиташон вазнин ба шумор меравад. Чунин омил метавонад, ки саломатӣ ва вазъи рӯҳии онҳо таъсири манфӣ расонида, аз тарафи дигар боиси аз мактаб ва илму дониш дур мондани онҳо мегардад. Мутаассифона, дар давлатҳо ва кишварҳое, ки вазъи сиёсии печида доранд ва ин боиси паст гардидани шароитҳои зиндагӣ шудааст, истифодаи меҳнати кӯдакон дар корҳои барои онҳо манъшудаи зараррасон ё меъёрҳои норавои давомнокии рӯзи кор бо пардохти хеле ночизи музди меҳнати онҳо, яъне қариб дар ҳадди ройгон ба чашм мерасад. Амалҳои мазкурро дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии милливу байналмилалӣ «истисмори иқтисодӣ» кӯдакон ном мебаранд.

Мувофиқи моддаи 32 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, давлатҳои аъзо ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ, иҷрои ҳама гуна коре, ки метавонад ба саломатии ӯ зиён дошта бошад ё барои маълумотгирии ӯ монеъ мешуда бошад, ё ба саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ӯ зарар мерасонида бошад, эътироф менамоянд.

Қонунгузории миллӣ низ кӯдаконро аз сӯистифодаи иқтисодӣ ҳимоя кардааст. Дар моддаи 18 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон” чунин муқаррарот мавҷуд аст: кӯдакро ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок



қабул ва ҷалб намудан манъ аст.

**Дар асоси адабиёти ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ чунин гуфтан мумкин аст, ки корҳои зерин барои кӯдакон истисмори иқтисодӣ ҳисобида мешавад:**

**1) Ҳама гуна коре, ки, ки ба саломатии кӯдакон зарар мерасонад: соати аз меъёр зиёди корӣ, меҳнати шабона, кор бо дастгоҳҳои гарон ё ин ки дар шароити зериобӣ ё зеризаминӣ;**

**2) ҳамаи шаклҳои меҳнати кӯдакони аз 12-сола хурд;**

**3) зиёда аз 14 соати корӣ дар ҳафта барои кӯдакони синни 12-14-сола;**

**4) зиёда аз 43 соати корӣ барои кӯдакони синни 15-17-сола.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала низ ба танзим дароварда шудааст. Чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, моддаи 18 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон” сӯистифодаи меҳнати кӯдаконро манъ кардааст. Мувофиқи моддаи 21 Кодекси меҳнати ҶТ шаҳрванде, ки ба синни 15 расидааст, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад.

Кӯдакони меҳнаткаш беш аз ҳама осеб мебинанд ва ин осебҳо на танҳо ба қурбонӣ ва ҷабрдида шудани онҳо, балки дар оянда ба ҷинояткор шудани онҳо оварда мерасонад. Истисмори иқтисодии кӯдакон якчанд оқибатҳои номатлубро ба бор меорад. Саравал, ин ба зарари худи онҳост ки инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонии онҳоро бозмедорад ё ин ки онҳо ба роҳи нодуруст тарбия мееёбанд. Азбаски кӯдаконояндаи давлату миллатанд, бояд ба вазъи онҳо таваҷҷуҳи хосса дод, вале ҳангоми зиёд шудани теъдоди кӯдакони меҳнаткаш,ояндаи давлат низ ба хатар гузошта мешавад. Агар хоҳем, ки давлату миллатамонояндаи дурахшон дошта бошад, бояд худ ва фарзандонамонро имрӯз ба он омода созем.

Азиза АБДУАЛИМЗОДА
донишҷӯи соли 3

# ЗУРОВАРӢ НИСБАТ БА ЗАНОН ДАР ҶАҲОН

Дар масири таърих занон барои ба даст овардани ҳуқуқҳои худ ва ҳамчун як инсони комиларзишу дорои нақши бузург дар ҷомеа нишон додани худ ҳамеша мубориз бурда, дар ин самт, гомҳои устувор гузоштанд. Имрӯзҳо бошад, яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ин муносибат бо занон ва риояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ба шумор меравад, вале мутаассифона дар бисёре аз кишварҳо то ҳол ин масъала роҳи ҳалли худро наёфтааст.

Ҷомеаи байналмилалӣ дар марҳалаи ибтидоӣ ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон чандон диққат надод, зеро чунин меҳисобид, ки ин мушкилӣ ба соҳаи хусусӣ дахл дошта, таъсири санадҳои байналмилалӣ ба он намерасид. Вақте ки шумораи низоъҳои миллӣ ва умуман афзоиши ҷаҳолат дар ҷомеа зиёд мешавад, аз зӯроварӣ на танҳо занони алоҳида, балки кулли гурӯҳҳои иҷтимоии занон яъне занон-гурезаҳо, занон-муҳоҷирин, занон-маъюбон, занон-маҳбусон ва ғайра низ азиятҳои зиёд диданд.

Маҳз бо ҳамин сабаб, Ассамблеяи Генералии СММ 20 декабри соли 1993 Эъломия дар бораи решакан кардани зӯроварӣ нисбат ба занонро қабул намуд. Аз ҷумла, дар моддаи 1 Эъломияи СММ оид ба решакан кардани зӯроварӣ нисбат ба занон омадааст:

“Зӯроварӣ нисбат ба занон ҳамчун ҳама гуна кирдори зӯроваронаи дар асоси аломати ҷинсӣ содиркардашуда, ки ба занон зарари ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё равонӣ ё азобу машаққат мерасонад ё расонида метавонад, бо фарогирии таҳдиди содир кардани чунин кирдорҳо, маҷбурсозӣ ё худсарона маҳрум кардан аз озодӣ ё дар ҳаёти ҷамъиятӣ ё дар ҳаёти шахсӣ арзёби мегардад”.

**Зӯроварӣ нисбати занону духтарон метавонад дар ҳама ҷо, аз ҷумла дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҷои кор, хона ҷой дошта бошад. Тибқи маълумоти мавҷуда, зӯроварӣ дар ин ё он шакл дар ҳар оилаи чорум ба мушоҳида мерасад. Нисбати занон чунин шаклҳои зӯроварӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода мегардад: зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, иқтисодӣ, руҳӣ в ғайра.**





Манижаи АМРУЛЛО
донишҷӯи соли 1

Бо дарназардошти ҷаҳонӣ будани мушкилоти зӯроварӣ дар оила СММ дар шакли қонунгузории намунавӣ тавсияҳои дахлдорро барои давлатҳои аъзо таҳия намудааст, ки сарчашмаи онҳо ин Эъломияи СММ оид ба решакан кардани зӯроварӣ нисбат ба занон мебошад.

Татбиқи тавсияҳои СММ қонунҳои миллӣ оид ба зӯроварӣ дар оила бояд баҳри муваффақшавӣ ба ҳадафҳои зерин нигаронида шаванд: 1) ҳифзи ҷабрдидагони зӯроварӣ; 2) пешгирии зӯровариҳои минбаъда; 3) ҷазо додани шахсоне, ки нисбат ба занон зӯроварӣ содир кардаанд.

Хулоса, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон дар шароити кунунӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлатҳо ва дар як маврид, ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

**Агар мо фардои дурахшонро барои худ ва ҷомеаи худ интизор бошем, пас, бояд ба занон ва модарон таваҷҷуҳи бениҳоят арзишманд намоем.**

# ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

**Таърихи рушди ҳуқуқи римӣ намунаи муносибати конструктивӣ ва мушкилоти таносубӣ ҳуқуқи амалкунанда ва иқтисодиётӣ босуръат рушдкунанда мебошад. Ҳуқуқшиносони римӣ ба ташшакули дастгоҳи мантиқӣ-консептуалии ҳуқуқи хусусӣ, бисёр падидаҳои ҳуқуқи гражданиро, ки дар шароити ҷомеаи муосир амалан бетағйир истифода мешаванд, коркард намудаанд.**



Ҷонона СУХРОБЗОДА
донишҷӯи соли 4

Баъзе аз масъалаҳои тартиб додани принсипҳои умумии ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳуқуқшиносони римӣ, ки изҳороти онҳо ба матнҳои Дигестҳо дохил карда шудаанд, пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла адолат иродаи бетағйир ва доимӣ барои ба ҳар кас додани ҳуқуқи ӯст; дастурҳои қонун чунин чунинанд: софдилона зиндагӣ кардан, ба касе зарар нарасондан, ба ҳама чизи ба ӯ тааллуқдоштаро додан; қонун номи худро аз калимаи “адолат” гирифтааст, зеро қонун санъати некӯ ва адолат аст.

Дар Уложения (Кодекс)-и граждании Олмон ягон қоида дар бораи принсипҳо вуҷуд надорад (принсипҳои бунёдии ҳуқуқи гражданӣ). Гузашта аз ин, як қатор чунин муқаррарот бевосита дар матни Конститутсияи Олмон мавҷуданд. Бо тафсири принсипҳои умумие, ки Қонуни асосии Олмон муқаррар кардааст, Суди конститутсионии Ҷумҳурии федералии Олмон, ки қарорҳояш дар муқоиса бо қарорҳои дигар судҳои Олмон аҳамияти меъёрӣ доранд, маънои ҳуқуқии граждании онҳоро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, аз матни хусусияти умумӣ, сархати 1 моддаи 2-и Конститутсия (ҳар як шахс бояд ҳуқуқи фардияти худро озодона дарк кунад, дар сурате, ки ҳуқуқи атрофиёнро вайрон накунад ва сохти конститутсионӣ ва қонуни ахлоқиро вайрон накунад), принсипи озодӣ ба даст оварда мешавад.

Бевосита Кодекси граждании Олмон манъ кардани муомилотеро, ки ахлоқи некро вайрон мекунанд ва муомилотеро, ки бо амали ирода муқаррар мекунад (моддаи 138); қарздорро вазифадор менамояд, ки тибқи талаботи виҷдони пок ва бо назардошти урфу одатҳои тиҷоратӣ амал кунад (моддаи 242). Қоидаи муҳим дар моддаи 826 сабт гардидааст, ки тибқи он дидаю дониста расонидани зарар ба тариқи хилофи ахлоқи нек ӯҳдадории ҷуброни зарари расонидашударо ба бор меорад. Моддаи 133 тафсири васиятномаро мувофиқи васияти воқеӣ муқаррар мекунад. Моддаи 313 қоидаҳои умумиро дар бораи имконоти мутобиқсозии шартномаҳо дар ҳолати тағйироти ҷиддии ҳолатҳое, ки барои иҷрои шартнома муҳиманд, иҷозат медиҳад. Моддаи 891 ва 892-и ҳамин Кодекс эҳтимолияти эътимоднокии оммавии ҳуқуқи ба қайдгирифташударо ба молу мулки ғайриманқул пешбинӣ мекунанд. Моддаи 938 – эҳтимолияти давомнокии моликияти дорухат ба ашё ҳамчун ашё; моддаи 1006 – эҳтимолияти моликияти соҳиби молу мулки манқул; моддаи 1058 – эҳтимолияти моликияти шахсе, ки узуфруктро таъсис додааст. моддаи 1922 принсипи ворисии универсалиро муқаррар мекунад; моддаи 1975 принсипи маҳдуд кардани масъулияти ворис барои қарзи меросгузор бо амволи меросиро муқаррар менамояд.




Мувофиқи моддаи 6.2 Кодекси граждании Голландия, тарафҳои шартнома вазифадоранд, ки мутобиқи талаботи оқилона ва ростқавлӣ муносибат кунанд. Ин принсип дар тафсири муқаррароти шартномаҳо нақши барҷаста дорад. Моддаи 3.12 Кодекси мазкур аз судҳо даъват менамояд, ки баҳсҳоро бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқии аз ҷониби умум қабулшуда, мафҳумҳои асосии қонуни Голландия ва манфиатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар парвандаи мушаххас ҳал кунанд.

Санадҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба принсипҳои ҳуқуқ ишора мекунанд. Ҳамин тариқ, принсипҳои ягонаи қонунгузории муосири шартномавӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ дар амалияи шартномавӣ васеъ истифода мешаванд, аз ҷониби муассисаи байналмилалӣ оид ба унификатсия (ягонакунӣ)-и ҳуқуқи хусусӣ (UNIDROIT) таҳия карда шудаанд. Онҳо барои шартномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд, аммо метавонанд ба шартномаҳое, ки таҳти танзими миллӣ қарор доранд, низ татбиқ карда шаванд.

Конвенсияи Вена оид ба фурӯши байналмилалии молҳо ишора ба принсипҳои мустақилияти иродаи тарафҳои шартнома (м. 6); имони нек ба муносибатҳои тарафайн (банди 1 моддаи 7); оқилӣ дар рафтори тарафҳо (бандҳои 2, 3, моддаи 8, моддаи 33, банди 3, моддаи 38); ҳамкории тарафҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои тарафайн.

Мувофиқи моддаи 422 Кодекси граждании Бразилия, тарафҳо бояд ҳангоми бастан ва иҷро кардани шартномаҳо софдилона амал намоянд. Дар моддаи 17 Конститутсияи Аргентина принсипи дахлнопазирии моликият сабт шудааст, ки дар асоси он ҳуқуқ ба моликият ба ғайр аз қарори суд вайрон карда намешавад. Моддаи 19 ҳамин Кодекс озодии амали инфиродӣ (ҳеҷ касро маҷбур кардан мумкин нест, ки амалҳои пешбининамудаи қонунро анҷом диҳад ва дар амалҳои қонун манъкарда қонунро амалӣ намояд)-ро пешбинӣ мекунад.

# ҚОБИЛИЯТИ ДЕЛИКТӢ

Дар ҷомеа байни одамон ва объектҳои табиат алоқаи доимӣ вуҷуд дорад. Дар ҳолати чунин алоқамандӣ мумкин аст ба молу мулк ва ё неъматҳои шахсии ғайримоддии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва дигар субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ зарар расонида шавад. Чунин зараррасонӣ мумкин аст оқибати ҳолати ногаҳонӣ ё қасди ғаразона ё қувваи табиат ва дигар бошад. Дар ин маврид масъалаи ҷуброни заррар ба вуҷуд меояд. Яъне ӯҳдадории шахси зарраррасон дар бораи ҷуброни зарари ба шахс дар натиҷаи амал ё беамалии ӯ ба вуҷуд омадааст, пайдо мешавад. Ин дар ҳуқуқи гражданӣ бо номи ӯҳдадориҳои деликтӣ шинохта мешавад. Деликт аз лотинии “delictum” гирифта шуда, маънои ҳуқуқпоймолкуниро дорад, яъне, ухдарории шахс ҷиҳати ҷуброни зарари расонида шуда фаҳмида мешавад.

Ухдадориҳои мазкур дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

1) Амали он ба муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкӣ паҳн мегардад, ҳарчанд ҷуброн кардани зарар хусусияти молумулкӣ дорад;

2) ин ухдадориҳо дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳое, ки хусусияти мутлақ доранд, пайдо мешавада. Аз ҷумла, вобаста ба неъматҳои ғайримоддӣ;

3) ин ухдадориҳо аз муносибатҳои ғайришартномавӣ ба вуҷуд меоянд. Ба ин муносибатҳо функсияи барқароркунӣ ва ҷубронкунӣ хос аст;

4) хусусияти пурра барқароршавандагиро дорост, новобаста аз он ки кадом шахс ва дар кадом шакл зарар расонидааст;

5) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ухдадориҳои ҷуброн кардани зарар на танҳо ба шахси зарраррасон, балки ба дигар шахсон низ вогузошта мешавад.

Асосҳои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ин мавҷуд будани худи зарар аст, агар зарар набошад, ухдадори низ ба вуҷуд намеояд. Зарар дар нобуд шудани молу мулк, нагирифтани фоида, маҳрум кардан ё гум кардани қобилияти меҳнатии ҷабрдида, хароҷоти табобат ва дигар дар умум чи зарари ҷисмонӣ ва чи зарари маънавӣ баромад мекунад.

Ба асоси ухдадориҳо вобаста ба расонидани зарар таркиби ҳуқуқвайронкунӣ ва ё ҳолатҳои таркиби ҳуқуқвайронкуниро дарбаргиранда дохил мешавад. Асосҳои умумии масъулият барои расонидани зарар дар моддаи 1059 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки зарари бо амал ё беамалии ғайриқонунӣ ба шаҳрванд, ё ба молумулки шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ, давлат расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахси зарраррасон ҷуброн карда шавад.



Қобилияти деликтии субъектон як хел нест, чунки қобилияти деликтии хурдсолон ва ноболиғон, қобилияти деликтии ашхоси ғайри қобили амал ва шахсони қобилияти амалашон маҳдуд эътирофшуда аз ҳамдигар фарқ менамояд.

Тибқи ухдадориҳои деликтӣ масъулиятро танҳо шахсоне доранд, ки ҳаракатҳои худро дарк ва идора карда метавонанд. Аз руйи қонунгузории граждании ҷорӣ чунин қобилият аз синни 14 солагӣ ба вуҷуд меояд. Шахсони ба ин синну сол нарасида, яъне хурдсолон қобилияти деликтӣ надоранд. Новобаста ба ин зараре, ки хурдсолони мазкур расонидаанд, бояд ҷуброн карда шавад. Дар асоси моддаи 1088 КГ ҶТ барои зараре, ки хурдсолон расонидаанд, волидон, фарзандхондагон, ё васиён масъуланд, агар исбот карда натавонанд, ки зарар ба гуноҳи онҳо ба вуҷуд наомадааст.

Масъулият барои зараре, ки ноболиғони синни 14 то 18- сола расонидаанд аз масъулият барои расонидани зарар аз ҷониби хурдсолон фарқ мекунад.Ноболиғони синни аз 14 то 18- сола барои зарари расонидаашон мустақилона, тибқи асосҳои умумӣ ҷавобгар мебошанд, ки бо ин хусусияташон аз ҷавобгарии хурдсолон фарқ мекунад. Дар сурате, ки ноболиғи синни аз 14 то 18 барои ҷуброни зарар молу мулк ё манбаи дигари даромад надошта бошад, зарар бояд пурра ё дар қисмати нокифояи он аз ҳисоби волидайн, фарзандхондагон ё парасторон, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, ҷуброн карда мешавад.

Масъулият барои зарари расонидани шаҳрванди ғайриқобили амал эътирофгардида ба зиммаи васӣ ё ташкилоте, ки вазифадор аст назорати ӯро анҷом диҳад, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, вогузошта мешавад. Зарари расонидаи шаҳрванди дар натиҷаи истеъмоли машруботи спиртӣ ё маводи нашъадор қобили маҳдуди амал эътироф гардида аз ҷониби худи зарраррасон тибқи асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад.

Сиёвуш ОДИНАЕВ
донишҷӯи соли 2

# ЯК МУАММОИ КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ

Баробарҳуқуқии инсон ва шаҳрванд яке аз ҳуқуқҳои конститутсионӣ буда, давлат онро дар Конститутсия кафолат медиҳад ва ҳимояи онро тавассути КҶ ба роҳ мондааст. Дар моддаи 143-и КҶ ҶТ ҳимояи принсипи баробарҳуқуқӣ ҳамчун яке аз принсипҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад, ки ба моддаи 17-и Конститутсия такя мекунад. Баробарҳуқуқие, ки дар моддаи 17-и Конститутсия омадааст, бо ибораи “ҳама” ва “ҳар кас” оғоз мешавад, ки ифодакунандаи тамоми инсонҳо новобаста аз шаҳрвандӣ мебошад. Вале моддаи 143-и КҶ бошад, “Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон” ном дошта, диспозитсияи он ҳам дар хусуси бартарии шаҳрвандон вобаста ба шаклҳои табъиз, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрванд зарар мерасонад, нигаронида шудааст. Ҳол он ки боби 19-уми КҶ “Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд” ном гирифта, пеш аз шаҳрванд нахуст инсон зикр карда шудааст, ки мафҳуми умумист. Пас, саволе пайдо мешавад, ки оё баробарҳуқуқии шахсони хориҷӣ, бешаҳрвандӣ ва гурезаҳо ҳимоя карда намешаванд? Агар рафту шахсони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ ба мафҳуми “шаҳрвандон” дохил бошанд, пас ҳуқуқҳои сиёсие, ки дар Конститутсия дарҷ карда шудаанд ва шахсони хориҷию бешаҳрванд аз он бархурдор нестанд, чаро бо мафҳуми “шаҳрвандон” оғоз мешаванд? (масалан, моддаи 27). Инчунин, агар баробарҳуқуқии шахсони хориҷӣ ва бешаҳрванд вайрон карда шаванд, онҳо бо кадом модда банду баст карда мешаванд?

Аввалан, мазмуни моддаи 2-юми КҶ муқаррар намудааст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи асосии ҳамин Кодекс ба ҳисоб меравад. Баъдан, моддаи 4-уми Кодекс татбиқи қонуни ҷиноятиро аз рӯи қиёс манъ кардааст ва моддаи 5-ум бошад, принсипи универсалии баробарҳуқуқиро муқаррар менамояд. Аз ин бармеояд, ки моддаи 143-и КҶ ба моддаҳои 2 ва 5-и он ва ҳамчунин ба моддаи 17-и Конститутсия мухолиф мебошад.

Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон танхо аз шаҳрвандони худ иборат набуда, дар он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ кору фаъолият мекунанд, ки мутобиқи моддаи 16-и Конститутсия баробари шаҳрвандони кишвар ҳуқуқ ва масъулият доранд. Махсусан гурезаҳо дар ин миён мақоми махсусро соҳиб мебошанд. Агар ҳуқуқи асосии онҳо, яъне баробарҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ки принсипи универсалӣ ва меъёри байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ҳимоя карда нашавад, пас ухдадории Тоҷикистон дар назди Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, вобаста ба имплементатсияи меъёрҳои байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ ва татбиқи онҳо дар амал чӣ мешавад?



Фаридун БОБОХОНОВ
омӯзгори Донишкадаи омӯзгорӣ дар н.Рашт

Бояд қайд намуд, ки чунин ҳолат, на танҳо дар моддаи 143, балки дар дигар моддаҳои боби 19-и КҶ дида мешавад. Ба мисли моддаи 144 (Ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ ном дошта, диспозитсияаш бо “ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонда бошад” ба анҷом мерасад), моддаи 146 (Вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобироти шаҳрвандон), моддаи 157 (Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ), моддаи 159 (Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ, ки ба шахсият ва ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз мекунад), моддаи 163 (Вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон).

Ҳамон тавре ки аз моддаҳои номбурда маълум шуд, дар ҳамаи онҳо мафҳуми “шаҳрванд” ва “шаҳрвандон” истифода карда шудааст, ҳол он ки меъёрҳои номбурда, хусусияти умумӣ дошта, ба ҳама паҳн шуда метавонанд. Яъне шахсони хориҷӣ, ашхоси бешаҳрванд ва гурезаҳо. Аз ин бармеояд, ки шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳо ҷабрдидаи ин моддаҳо шуда наметавонанд ва дар КҶ вобаста ба ин масъала муқаррароти дигар ҷой надорад, аз ин рӯ, ҳангоми содир шудани муқаррароти моддаҳои фавқуззикр ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезагон аз ҳимоя берун хоҳад монд.

Баъзе кормандони касбии соҳа низ изҳор медоранд, ки масъалаҳои мазкур дар воқеъ ҷой дошта, такмили қонунгузории ҷиноятиро тақозо менамояд. Инчунин, қайд менамоянд, ки мафҳумҳои “шаҳрванд” ва “шаҳрвандон”, ки дар баъзе аз моддаҳои боби 19-и КҶ дарҷ карда шудаанд, фарогирандаи ҳуқуқу манфиатҳои ҳам шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд, вале масъалаи ба ҳайси объекти ҳимоявӣ муқаррар нашудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳо, новобаста аз оне ки ин ҷиноятҳо дар амалия кам содир карда мешаванд, ҷой дорад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили мавзӯъ ва кушодани баъзе аз мушкилоти КҶ ҶТ, қайд кардан мумкин аст, ки дар воқеъ, масоили мазкур ҷой дошта, такмили қонунгузории ҷиноиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки ба моддаҳои номбурда тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, дар баробари мафҳумҳои “шаҳрвандон” ва “шаҳрванд”, мафҳуми “инсон”-ро ҳам ҷой намоянд, яъне “инсон ва шаҳрванд”, то ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳо низ мавриди ҳифз қарор гиранд.

# КОРРУПСИЯ – ДОҒИ РӮЗ



Комрон ХУШВАХТОВ
донишҷӯи соли 4

Яке аз омилҳои асосии пойдории кишвари тозаистиқлоли Тоҷикситонро сиёсати зиддикоррупсионии он ташкил медиҳад. Маҳз бо ин васила, тамоми тадбирҳо дар самти муқовимат бо коррупсия рӯи даст гирифта шуда, роҳи паҳншавии он ва хароб кардани ҷомеаи обод гирифта шуд. Чунки таърих исботи онро дорад, ки маҳз омилҳои коррупсионӣ анқариб боиси вайрон гардидани суботу оромии ҷомеа ва таарруз ба сарҳади давлатӣ ва асосҳои сохтори конститутсонӣ гардид.

Бинобар ин, хавфнокиҳои худ, давлатҳо ва ҷомеаҳо талоши онро месозанд, ки дар паи муқовимат бо ин падидаи зиддиҳуқуқӣ бошанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол сеяк аср инҷониб дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар фазои истиқлолияти сиёсӣ босуботона рушд менамояд.

Бояд гуфт, ки ҳама гуна зуҳуроти манфии зиддиҷамъиятӣ аз қабили ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ аз надонистан ва беэҳтиромӣ нисбат ба қонун сар мезанад. Зеро сатҳи пасти шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар содир намудани чунин кирдор боис мегардад. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ва тарбияи ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ метавон «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» аз 26 январи соли 2008, «Барномаи давлатии мубориза бо ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1504, аз 30.08.2013 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» 10 декабри соли 1999, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз соли 2015, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия 7 августи соли 2020, № 1714, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ (соли 2004), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007, таҳти № 143 «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 20-уми марти соли 2008) ва ғайраро ном бурд.

Меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ба монанди санадҳои ҳуқуқии миллӣ аз принсип ва қоидаҳое иборатанд, ки ба таъмини риояи ҳуқуқи инсон нигаронида шуда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ-ро дар сурати эътирофи онҳо аз ҷониби Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Айни ҳол, санадҳои байналмиллалӣ дар самти муқовимат бо коррупсия ба сифати асосҳои муҳимми сиёсати зиддикоррупсионӣ баромад менамоянд.

Қобили тазаккур аст, ки кишвари соҳибистиқлоли мо имрӯз санадҳои зерини байналмиллалии ҳуқуқиро ба тасвиб расонидааст, ки мавқеи онҳо дар кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои инсон комил беназир аст. Аз ҷумла: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948; Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966; Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989; Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи барҳам додани тамоми намудҳои табъизи нажодӣ аз 21 декабри соли 1965; Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984; Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 18 декабри соли 1979; Конвенсияи бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ; Конвенсияи мубориза бар зидди коррупсия 31 октябри соли 2003 ва ғайра.

Эътибор додан ба ҷанбаҳои муфиди ин санадҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат бо коррупсия вазифаи ҳар як аъзо - давлат бояд бошад ва дар ин замина, андешидани чораҳои мушаххас тақозои замон аст.

Аз таҳлили ваъи кунунии ҷомаеи имрӯза, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналхалқӣ чунин хулосабарорӣ ва пешниҳодҳо намудан мумкин аст:

1. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 7 августи соли 2020, № 1714 пешниҳод менамоем, ки номи “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” табдил дода шавад.

2. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ. Бо мардум наздик шудани ходимони давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, яъне ба шаҳрвандон фаҳмондани мақсаду мароми қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ, ки дар онҳо дараҷаи ҳуқуқдорию амалкунии субъектон мустаҳкам гаштааст, омили мусоидаткунандаи ин манбаъ мебошад.

3. Пахн кардани варақаҳои иттилоотии зиддикоррупсионӣ.

4. Ташкили силсилаи барномаҳои телевизионии зиддикоррупсионӣ.

5. Таҳияи филмҳои бадеиву ҳуҷҷатии зиддикоррупсионӣ.

6. Ташкили вохӯрии олимону коршиносон бо аҳли ҷомеа оид ба ҷанбаҳои алоҳидаи зуҳуроти коррупсионӣ.

7. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва алоҳидаи дохилӣ дар самти муқовимат ба коррупсия.

**ТАЪЗИЯНОМА**

Садорат, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Бахтовар Амиралӣ бинобар вафоти

**ҲАМСАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, ба эшон ва наздикону пайвандонашон сабри ҷамил хоҳонанд.



**Один из самых знатных сыновей Бухарского Ханства XIX века – Ахмад Махдуми Дониш по прозвищу Ахмад Калла (1826-1897). Он родился в городе Старая Бухара, в семье муллы по имени Насир. Он получил начальное образование в частной школе, для девочек которая преподавала его мама, а также училась в школе чтецов (запоминающих Коран). Однако он сразу же бросил школу и с 14 лет продолжил обучение в медресе. В медресе, помимо религиозных наук, он учился более самостоятельно, основываясь на трудах востоковедов, естествознании, математике, астрологии, животном мире, истории, натурфилософии и литературе.**

# АХМАДИ ДОНИШ – РЕФОРМАТОР, ПЕДАГОГ



**Амирджон ИНОМОВ**
**студент 1-го курса**

С ранних лет Ахмади Дониш обладал красивым почерком и необычайным талантом к живописи и рисунку. Каллиграфии он научился у своей матери, которая также хорошо знала таджикскую персидскую поэзию. С помощью своей матери он в раннем возрасте играл роль арабского алфавита и в конце концов стал мастером живописи. За годы учебы в медресе он отточил свой талант. После окончания медресе он был нанят архитектором и художником по рекомендации одного из своих учителей при эмирском дворе. Однако из-за отсутствия государственных строительных работ Ахмади Дониш больше участвовал в написании брошюр, девонов и официальных бумаг в суде.

Ахмади Дониш впервые посетил Россию в 1857-1858 годах (по указанию эмира Насрулло в качестве мирца-секретаря в посольстве эмира, второй раз в 1869-1870 годах и третий раз в 1874-1875 годах.

Во время этих визитов он максимально близко знакомился с политической, экономической и особенно культурной жизнью центра Российской Империи - Санкт-Петербурга. Все это, наряду с влиянием классической персидской и таджикской литературы, сыграло важную роль в формировании образовательных идей Ахмади Дониша.

Навадир-уль-Вако'э Ахмади Дониша. Свой шедевр «Наводир-уль-вакое» писатель начал писать около 1875 года. Он вернулся в Бухару в 1885 году, только после смерти эмира Музаффар-хана и восшествия на престол молодого эмира - Абдуллахана, и по милости нового эмира был назначен библиотекарем медресе Джафар-Ходжа в Бухаре. Все это позволило писателю за 15 лет завершить свой шедевр и распространить его среди поклонников и единомышленников. А. Знания в «Наводир-уль-вако'э», как свидетель времени, социальных пороков, неравенства и несправедливости феодального общества Бухары, отсталости культурной жизни, застойного стиля обучения в школах и медресе, мерзких имидж правящего эмирата, который очень жесток к народу, и резко критиковал невежество религиозных и административных лидеров того времени и так далее. В это произведение сам автор включил упомянутый выше трактат - «Трактат о поэзии цивилизации и теологии» как часть его. По общему признанию, появление «Наводир-уль-вакое» приветствовали ведущие интеллектуалы Бухары. Вскоре она стала их настольной книгой. По этой причине влияние этого шедевра уникально среди интеллектуалов. Сам писатель не остался в стороне от бухарской интеллигенции. Он всегда собирал вокруг себя несколько талантливых ученых и студентов и говорил о коррупции времени и путях выхода из нее.

Творчество писателя этим не ограничивается. Позже, в начале двадцатого века, это вызвало пробуждение относительно большой группы интеллектуалов и студентов и, наконец, стало одним из источников формирования движения джадидов.

# КОСМИЧЕСКОЕ ПРАВО

Космическое право, как отрасль современного международного права начало складываться в 60-х годах XX века в связи с осуществлением государствами космической деятельности. Начало которой было положено запуском в СССР 4 октября 1957 первого в истории человечества искусственного спутника Земли. Термин «Космическое право» прочно утвердился в официальных советских дипломатических документах, в научной литературе большинства социалистических стран. В капиталистических государствах (США, Великобритании, Франции, Италии и др.) применяются термины «Космическое право» (Space Law, Law of Outer Space, droit de I ésрace extra-atmosphérique, Weltraurnrecht, diritto spaziale), а также «межпланетное право», «астронавтическое право» и др. Источниками космическое право, как и других отраслей современного международного права, являются международный договор и международный обычай.

В 1959 был образован специальный Комитет ООН по использованию космического пространства в мирных целях, в котором имеются научно-технический и юридический подкомитеты, рабочие группы по навигационным спутникам, по изучению земных ресурсов с помощью спутников, по прямому вещанию с помощью спутников и др. Хотя Космическое право возникло сравнительно недавно, уже имеется целый ряд международных документов, содержащих нормы Космическое право. Это прежде всего Договор о принципах деятельности государств по исследованию и использованию космического пространства, включая Луну и другие небесные тела (Договор о космосе 1967). Декларация правовых принципов, регулирующих деятельность государств по исследованию и использованию космического пространства, принятая 13 декабря 1963 в виде резолюции Генеральной Ассамблеи ООН; Договор о запрещении испытаний ядерного оружия в атмосфере, в космическом пространстве и под водой (Московский договор 1963); договорённость между СССР и США о не размещении в космическом пространстве объектов с ядерным оружием и другие видами оружия массового уничтожения (подтверждена 17 октября 1963 резолюцией Генеральной Ассамблеи ООН); Соглашение о спасании космонавтов, возвращении космонавтов и возвращении объектов, запущенных в космическое пространство, одобренное Генеральной





**Саидмубин САЛОХИДДИНОВ**
**студент 2-го курса**

Ассамблеей ООН 19 декабря 1967 (22 апреля 1968 в Москве, Лондоне и Вашингтоне Соглашение было открыто для подписания всеми государствами, вступило в силу 4 декабря 1968). Конвенция о международной ответственности за ущерб, причинённый космическими объектами, одобренная Генеральной Ассамблеей ООН 29 ноября 1971 (открыта для подписания в Москве, Лондоне и Вашингтоне 29 марта 1972). Важное значение имеют решения Чрезвычайной административной конференции радиосвязи от 1963 и 1971 по вопросу выделения частот для космических радиослужб. Кроме того, имеется значительное число двусторонних и многосторонних международных соглашений по научно-техническому сотрудничеству в области исследования и использования космоса.

Так космическое право был более широко использовано в период «Холодной войны» между СССР-ом и США, и они играли второстепенную роль в изучении этой праве. Сейчас с каждым днем развивается этот отрасль юриспруденции, ведущие государство принимают нормы и дают юридическую силу на Космическое право.

# ҶАВОНОН – ПОЙДЕВОРИ АСОСИИ ДАВЛАТ

Дар ҷомеаи муосир ҳангоми пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим ба мушоҳида мерасад, чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, неруи муҳимми пешбарандаи иқтисод буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонад ба хубӣ таъмин намояд. Имрӯз барои ҷавонон, иштирок ва фаъолияти онҳо дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳамаи омилҳо ва шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодиву сиёсӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар ин роҳ, пеш аз ҳама, азму талош ва кӯшишҳои ҷавонони лаёқатманду фаъол, ватандӯсту меҳанпарвари мо нақши ҳалкунанда дорад. Махсусан, дар ҶТ, ки қисми зиёди аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд, Ҳукумати мамлакат ба ин қисми аҳолӣ диққати калон медиҳад. Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон принсипҳои бунёди сиёсати давлатии ҷавононро бо набзи замон ва руҳи ҷавонон мувофиқ сохта, дар доираи сиёсати созанда вахдати миллиро миёни ҷавонон густариш бахшиданд, меҳнати ҳалол ва интизоми қатъиро бунёд гузоштанд, робитаҳои судбахшро бо кишварҳои мутамаддин дар самти ҳамкориҳои ҷавонон боло бурданд ва шаклҳои нави фаъолияти ҷавононро роҳандозӣ намуданд. Бояд гуфт, ки давлати Тоҷикистон ҷавон буда, қисми зиёди аҳолӣ ҷавонон мебошанд. Ҷавонон – насли идомадиҳандаи миллат, таърих, фарҳанг, анъана, расму оин, забон ва бунёдгузорандаи ояндаи дурахшони Тоҷикистон мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлол зарурати ногузири ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавононро пазируфт. Баъди 6 моҳи соҳиб гаштани Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштани қонуни асосии ҷавонон – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон”, ки 13 марти соли 1992 сурат гирифтааст, далели ин гуфтаҳо мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда қонуни асосии ҷавононро қабул кардааст. Ин бори дигар собит месозад, ки кишвари азизамон Тоҷикистон дар таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ташаккули сиёсати ҷавононро яке аз самтҳои асосии стратегии фаъолият медонад.

Ҷиҳати роҳ ёфтани ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят баланд мебошад. Зеро, Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолӣ борҳо бо ҷавонони саодатманди кишвар вохӯрӣ анҷом дода, онҳоро ба роҳи нек ҳидоят намудаанд, ки далели ин гуфтаҳо вохӯрии Президенти кишвар бо ҷавонон дар таърихи 21-уми майи соли равон мебошад. Аз ин лиҳоз, мо ҷавонони саодатманди диёр бояд шукргузорӣ аз ҷунин фазои ободу озод, аз ин хоки сарзамини биҳиштосо, аз неъматҳои гаронбаҳои ваҳдату Истиқлоли миллӣ, бо пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи дурандешонаи Пешвои миллат, бо ифодаи ифтихори миллӣ дар роҳи бунёд ва эҳёи давлати навин, ваҳдату ҳамбастагии саросарӣ, ҳифзи муқаддасоти миллӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ талошу ташаббусҳои беназирро устуворона ва озодона пеша намоем.

**Хумоюн ЮСУФАЛИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

**Ҳуқуқшинос бояд бо далелҳо моҳирона ва бо кордонӣ муносибат намояд.**

# КОРРУПСИЯРО МАҲВ ХОҲЕМ КАРД!



Шоҳрух БАҲОДУРЗОДА
магистри соли 1



Имрӯзҳо дар ҷомеаи муосир як қатор зуҳуротҳои номатлубе арзи ҳастӣ намуда истодаанд, ки он садди роҳи пешрафти соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ гардидаанд. Яке аз чунин зуҳуротҳои номатлуб коррупсия аст, ки яке аз хавфноктарин зуҳуроти ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки бисёре аз давлатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои байналмилалӣ бонги хатар аз оқибатҳои коррупсия мезананд ва барои пешгирӣ ва решакан кардани он кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати ҳуқуқбунёду демократӣ маҳсуб меёбад ва ҳамеша кӯшиши аз байн бурдани чунин зуҳуротҳоро намуда истодааст. Дар суханрониҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намуд: «Чунин падидаи манфӣ, ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».

Ҳамон вақт чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ босамар буда метавонанд, ки дар он на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки тамоми ҷомеа иштирок дошта бошад ва тамоми барномаҳои зиддикоррупсионӣ дар амал татбиқ шаванд.

Дар шароити муосир коррупсия ба мушкилоте мубаддал шудааст, ки метавонад ба амнияти башарият ва кишварҳои алоҳида хатар эҷод намояд. Коррупсия дар шароити кунунӣ рушди давлатҳоро монеъ гардида, боиси зуҳури низомҳои ғайридемократӣ мешавад ва ба вазъияти иҷтимоии мардум таъсири манфӣ мерасонад.

Баҳри пешгирии ва муқовимат бурдан алайҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар симои он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми усулҳои решаканкунандаи зуҳуроти мазкурро истифода бурда истодааст. Аз қабили пешбини намудани стратегияи муқовимат бо коррупсия ё ташкил кардани ниҳоди махсусгардонидашудаи мубориза алайҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ, яъне Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дохили дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ раёсату сохтор ва идораҳои махсуси мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ ташкил шудааст.

Дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ мо шод аз он ҳастем, ки дар чунин давлати соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ, ягона зиндагонӣ мекунем ва меболем аз он ки баҳри рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди тамоми ҷиноятҳо мубориза мебарем ва кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки давлати мо ҳамеша сарсабзу хуррам ва фазои озод дошта бошад. Мо метавонем бо мақсади устувор – нигоҳ доштани пояҳои давлатдории миллиамон дар якҷоягӣ бо чунин падидаҳои номатлуб муборизаҳои беамон бурда, онро маҳв намоем ва дар фаъолияти якҷоягии ҷомеаи шаҳрвандӣ метавон бо мақсадҳои дар назди худ гузошта дастболо гардем.

# ҲАРФИ ПУЧИ НОДОНРО ЧОРА ҶУЗ ХАМӮШӢ НЕСТ...

Ба остонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чун донишҷӯ гом ниҳодан бароям камоли ифтихор ва бори масъулият аст. Воқиф будан аз асрори илми ҳуқуқ барои дарёфти номи ҳуқуқшинос дар мартабаи аввал меистад. Дар ҷараёни таҳсил эҳсос намудам, ки донишҷӯ ин ҳавову ҳавас нест, ин давраи омӯзиши назария ва мустақилона ба ҷо овардани корҳои илмӣ аст.

Мунтазам дар китобхона ба мутолиа машғул шуда, ба дарсҳои амалӣ бо тайёрии пухта ҳозир шудан, гоми устувор ниҳодан ба олами дониш аст. Ҳуқуқшиноси оянда бояд барои тафсири қонунҳо, нутқи бурро ва ҷаҳонбинии фароҳ бояд дошта бошад. Дар ин самт, донишҷӯро аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст.

Аммо гоҳе нигоҳам ба донишҷӯёни фориғбол меафтад, ки роҳи китобхонаро фаромӯш кардаву дур аз мутолиаи китобанд. Онҳо мубталои баҳсҳои пучи кӯчагӣ шуда, рисолати донишандӯзии худро ба гӯшаи фаромӯшӣ супоридаанд. Дар ҳамин самт, Сайидои Насафӣ мефармояд:



Комрон ОРИФӢ
донишҷӯи соли 1

**Ҳарфи пучи нодонро чора**
**ҷуз хамӯшӣ нест,**
**Соддалавҳаму бингар**
**бо фалак ҷадал дорам!**
**Сайидо, асои ман бо шикаст**
**пайванд аст,**
**Ман куҷо тавонам рафт,**
**роҳнамои шал дорам?**

Коҳилӣ зеби донишҷӯ нест. Сарирвақт ва тайёрии комил ба дарсҳо ҳозир шуда, малакаи донишандӯзии худро бояд сайқал дод. Фардо бо дониши хуб ҳамчун мутахассиси арзанда метавон чун фарзанди шоистаи Ватан хизмат намуд.

Ба доно як ишора...

# ҶАВОНОН – ОЯНДАСОЗОНИ МИЛЛАТ



Масъуд СОДИҚОВ
донишҷӯи соли 1

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ба маротиб баланд гардида, ҷалби бештари онҳо ба корҳои ҷамъиятию идоракунӣ саҳми ин қишри фаъоли ҷамъиятро дар пешрафту ободии мамлакат бештар намуд. Ҳамин аст, ки имрӯз чи дар сатҳи вазорату идораҳои давлатӣ ва чи дар корҳои муҳимми ҷамъиятӣ ҷавонон нақши пешбарро доранд ва дар пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии мамлакат саҳми арзанда мегузоранд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри соли 2019 гуфта буданд: "Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсолон, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд".

Маҳз таваҷҷуҳу ғамхориҳои пайвастаи роҳбарияти олии мамлакат ба ҷавонон аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ нақши ин қишри фаъоли ҷамъият аз зина ба зина боло рафта, ҳамасола дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» 23-уми май ҳамчун рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Илова бар ин, бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 «Соли ҷавонон» эълон гардида буд, ки ин аз таваҷҷуҳи беандозаи роҳбари давлат ба ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.



Дар асоси Паёмҳои Роҳбари давлат, суханрониҳо ва дигар дастуру супоришҳое, ки дар иртибот ба тарбияи насли наврас ва ҷавонони кишвар мунтазам дода мешаванд, рушди пайгиронаи соҳаи маориф таъмин гардида, мактаб ва илму маориф, инчунин рушди инсонӣ дар сиёсати қонунии давлату ҳукумат ба сатҳи масъалаи аввалиндараҷа бардошта шуд.

Мо ҷавонон бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, то ки давлатамон аз ҷиҳати илму фарҳанг, иқтисодиёт ва варзиш ба яке аз давлатҳои пешқадами дунё табдил ёбад.



# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОН



Як қишри асосии ҷомеаи имрӯза-ро кӯдакон ташкил медиҳанд. Кӯда-кон чун субъекти махсуси ҳуқуқи инсон ба ҳимояи бештар ниёз до-ранд, ки аз ҷониби давлат ва соз-монҳои байналмилалӣ тавассути қа-були конвенсия ва таъсиси ниҳодҳои махсус амалӣ карда мешавад.

Ҳанӯз соли 1989 СММ ҳуҷҷати аз ҳама муҳимми байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак – Конвен-сия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак қабул карда шуд ва 2 сентябри соли 1990 ҳукми амал пайдо кардани конвен-сияи мазкур нуқтаи кулминатсио-нии ҳамаи он кӯшишҳое гардид, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тӯли қариб 70 сол барои таъмини эътирофи зарурии ниёзҳои махсус ва муҳимми кӯдакон ба ҷо меовард.

Конвенсия нахустин ҳуҷҷати байналмилалии хатмии ҳуқуқие мебошад, ки дар он ҳуқуқҳои шах-сӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдакон инъикос ёфта-аст. Конвенсияи мазкур ҳуқуқҳои кӯдаконро ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина, давлатҳои аъзоро уҳдадор менамояд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ гарди-дани меъёрҳои он ҷораандешӣ на-моянд. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар заминаи 10 принсипи асосӣ омода карда шудааст, ки онҳо мустаҳкамии меъёрҳои конвенсияро таъмин менамоянд. Дар конвенсия ишора карда мешавад, ки кӯдакон дорои ҳуқуқҳои мушаххас мебо-шанд, ки бевосита ба онҳо мутааллиқ мебошанд, яъне онҳо аз ҳуқуқҳои субъектони дигари ҳуқуқи инсон бар намеоянд. Ин асоси консепси-яи вусъат бахшидани имкониятҳои кӯдак буда, эътирофи кӯдак ба си-фати субъекти соҳибэхтиром ва узви ҷомеа ба он мақсад аст, ки ақидаҳо ва интизориҳои мақдудсозандаю табъизӣ нисбат ба одамони ҷавон дигаргун гарданд.

Тоҷикистон чун давлатҳои дигари узви Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои дар Конвенсия таҳкимбахшидашудаи кӯдаконро таъмин намояд ва ҳифз кунад. Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар сатҳи давлатӣ ниҳодҳои алоҳида таъсис ёфта-анд, аз ҷумла, Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои ин-сон, Вазорати маориф ва илм, Ва-зорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷти-моӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва ди-гар идораҳо дар доираи салоҳиятҳои худ, ҳамчунин Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мақомоти доимоамалкунандаи байниидора-вии машваратист. Вай бо мақсади ҳамоҳанг сохтани фаъолияти идораҳои давлатӣ, бо фарогирии мақомоти маҳаллии ҳокимият бахри татбиқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, ки аз Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак





Шоҳрух ОДИНАЗОДА
донишҷӯи соли 2

бармеоянд, таъсис дода шуда-аст. Чунончи, Комиссия бо арзё-бии мутобиқати қонунгузории Тоҷикистон бо муқаррароти санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак машғул шуда, оид ба истифода ва такми-ли минбаъдаи меъёрҳои марбут ба ҳуқуқҳои кӯдакон маърӯзаҳо ва тавсияҳо тайёр мекунад, ба паҳн кардани донишҳо дар бораи меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва ғайра кӯмак мекунад.

Бо мақсади дар сатҳи дахлдор ҳи-мояи намудани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ҳамчун муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис ёфтааст. Ин ниҳоди махсус-гардонидашуда дар зарфи чанд соли фаъолияти худ нишон дод, ки ме-тавонад дар ҳимояи ҳуқуқ ва ман-фиатҳои кӯдакон саҳми назаррас гу-зорад. Вазъи ҳуқуқии он тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи ин-сон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба танзим дароварда мешавад.

Маълум мешавад, ки Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфи-атҳои кӯдакон тадбирҳои назаррасро дар замони соҳибистиқлолӣ анҷом дода, аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳам-чун кишвари ташаббускор дар сам-ти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон шинохта шудааст.